**Маркази фарҳангӣ - тадқиқотии Айгине**

# Паёме аз об

**Бишкек 2017**

УДК
ББК

Китобчаи таълимӣ, дар доираи лоиҳаи “ Васеъ кардани мафкураи илмии ҷавонон ва ҷомеаҳои маҳаллӣ дар бораи сарчашмаҳои об” навишта шудааст. Ин лоиҳа бо дастгирии молиявии комиссияи Сафорати Демократии ИМА дар Ҷумҳурии Қирғизистон, омода шудааст.
Пешниҳодҳо, хулосаҳо ва фикру ақидаҳои дар ин ҷо овардашуда, танҳо андешаи муаллифон мебошад. Шояд ба дидгоҳи департаменти мамлакати ИМА мувофиқ наояд.

Тартибдиҳандаи китоб: Самаков Айбек

Маълумот ҷамъ карда, муайянкунандагони такмили китоб: Абдивалиев Боходир, Абдуманапова Зухра, Абыласынова Гулайым, Акимбаева Тазагуль, Ахмедова Зарина, Боконтаева Жаңыл, Зайнидинов Бахриддин, Мадумарова Малохат, Сооронбаева Чолпон, Турдибоев Сарвар, Шекеев Тилекмат, Юсупова Вунжер. Юсупова Гулзода.

Гирдоварандаи маълумот: Айза Абдырахманова

Саҳмгузорони китоб барои мундариҷа: Карамолдоев Жумакадыр, Садыр уулу

Жумагазы Мутарҷими матни русӣ: Самаков Айбек

Муҳаррир: Алыбаева Гүлнара

Таҳиякунандаи шакли китоб: Айза Абдырахманова

Паёме аз об.-2017, 50 саҳфа.

Маълумотҳои дар китоби таълимӣ додашуда, аз ҷониби тадқиқотии ду гурӯҳи маҳаллӣ дар минтақаҳои Исиқ-Кӯл ва Боткен ҷамъоварӣ шудааст. Маълумот, дар байни халқ дониши суннатӣ вобаста ба об ва таҷрибаи ҳозиразамонаи онро дар бар мегирад, дар дохили он расму русуме, ки бо об ташкил карда мешавад, хусусиятҳои шифобахши об ва номҳои он, об баровардан ва усулҳои самаранок истифода бурдан, низоъҳое аз паси об баромада, ва ривоятҳо дар бораи об дохил шудааст. Китоб барои мактабҳои олӣ ва хонандагону омӯзгорони мактаби миёна, инчунин илмҳои суннатӣ ва ба шавқмандони маълумот дар бораи об омӯзандагон пешниҳод карда мешавад.

**У**
**ISBN**
**УДК**
**ББК**

© Маркази фарҳангӣ- тадқиқотии Айгине, 2017
720040, кӯчаи Токтогул 93,
Шаҳри Бишкек, Қирғизистон

# Мундариҷа

**Сарсухан** .......... 5

**Об барои ман...** .......... 1

**Об барои ман ва шумо чӣ аст?** .......... 1

**Номҳои об чӣ хел боқӣ мондааст?** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Саволҳо** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Расму оинҳо** .......... 4

**Кӯдакро ба 40 қошуқ об оббозӣ кунонидан** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Косаи обро болои сар нигоҳ доштан** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Маросими дамандозӣ ва дуохонӣ** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Номгузории об** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Аз қафояш об пошидан** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Маросими арӯсӣ** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Даъвати борон: маросими қурбонӣ** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Ғусли таъмид** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Таҳорат гирифтан** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Ба даст об рехтан** .......... 8

**Хоби бадро ба об гуфтан** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Замин пайдо кардан барои бо об сохтани хона** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Маросими бо об шустани ҷасад (Майрам суу)** .......... 8

**Бовариҳои мардумӣ, мамнӯъҳо ва қоидаҳои нонавиштаОшибка! Закладка не определена.**

**Саволҳо** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Хосияти шифобахшандагии об** .......... 10

**Равишҳои табобат бо об** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Обҳои шифобахш ва чашмаҳо** .......... 2

**Саволҳо** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Усулҳои об баровардан ва эҳтиёткорона истифода кардани обОшибка! Закладка не определена.**

**Асрори чоҳканӣ** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Абиз, ависз, ҳавз** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Об дар кӯзаи қурбоққадор дер вайрон мешавад** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Тоза кардани об бо шири турш** .......... **Ошибка! Закладка не определена.**

**Обёрии қатрагӣ** ........ 30
**Яхчол ё яхоб** ........ 30
**Биоҳавзҳо барои тоза кардани обҳои ифлос** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Рӯди хатарнок** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Обро хор кунӣ хор мешавӣ** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Саволҳо** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Низоъ барои об** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Саволҳо** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Чашмаи Кӯдак** ........ 2
**Рӯде, ки дар як сол се маротиба ҷорӣ мешавад** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Ҳамин тавр боқӣ мондани номи деҳаи Алыш** ........ 2
**Деҳаи Ақ-Булақ** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Рӯди Исфайрам** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Ҳикояи дар байни об сабзидани маҷнунбед** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Асрори қӯрғони Мик дар об** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Оби Бант** ........ 4
**Ривояти Исиқ-Кӯл** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Номгузории Кокуй-Кӯл ва Ҷирғалан** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Ду коса об** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Рӯди Қозубағлан** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Оби Абшир-Ата** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Ханҷар-Чашма** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Шӯрчашма** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Оби Пидап ё Сасиқ –Чашма(Сасык-Булак)** ........ 9
**Ағача-Чашма (Агача-Булак)** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Оби Зулпучач** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Сиёҳчашма (Кара-Булак)** ........ 10
**Ҷину аҷина** ........ 11
**Саволҳо** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Зарбулмасалу мақолҳо** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
**Феҳристи зарбулмасалу мақолҳо (appendix)** ........ **Ошибка! Закладка не определена.**

## Сарсухан

## *Хонандагони гиромӣ!*

*Китобе, ки дар даст доред, аз дигар лавозимотҳои дарсӣ, ки барои мактаб нашр мешавад, фарқ мекунад. Маълумотҳои дар китоби таълимӣ додашуда, аз ҷониби тадқиқотии ду гурӯҳи маҳаллӣ дар минтақаҳои Исиқ-Кӯл ва Боткен ҷамъоварӣ шуда, ба ақидаи шумо тавсия дода истодааст. Гурӯҳҳои тадқиқотӣ аз сокинони маҳаллӣ, анъанаҳои илмӣ вобаста ба об, ҷамъоварии таҷриба ва усулҳоро ба назар гирифтааст.Баъд аз он ба воситаи тадқиқот,тадқиқотчиён ҳам, сокинони маҳалла низ, назарашон нисбат ба масъалаҳои об нигаронида шуда, ба ҳалли он мушкилиҳо лозим будани дониши анъанавӣ ва фоиданок будани онро мо дарк намудем.*
*То огоз шудани тадқиқот, ин китоби хониш аз чӣ хел бобҳо иборат будан ва чӣ хел шуданашро намедонистем. Мо аз тадқиқотҳо аз поён то боло нигоҳ карда, аввалан маълумотҳоро ҷамъ карда, баъди он маълумотҳои ҷамъшударо таҳ карда, дар китоб чӣ хел бобҳо буданашро аниқ карда, маълумотҳоро аз рӯи маъноҳояшон ба қисмҳо ҷудо намудем. Ҳар як боб прча аз асари "Аккан суу" (Оби равон)-и Жеңижок огоз мешавад.*

*Дар вилояти Боткен гурӯҳи тадқиқотчиён Мадумарова Малохат, Акимбаева Тазагуль, Зайнидинов Бахриддин, Турдибоев Сарвар, Юсупова Гулзода ва Абдивалиев Боходир кор карданд. Дар гурӯҳи Исиқ-Кӯл Боконтаева Жаңыл, Сооронбаева Чолпон, Абдуманапова Зухра, Абыласынова Гулайым, Шекеев Тилекмат, Ахмедова Зарина, Юсупова Вунжер меҳнат кардаанд. Барои баромадани ин китобча Карамолдоев Жумакадыр, Сейдакматова Чынара, Жумагазы Садыр уулу ва Айза Абдырахманова ёрӣ расониданд.Лоиҳа бо ташаббуси маркази тадқиқотии фарҳангии Айгине ва бо дастгирии Сафорати ИМА ба кор даромадааст*

*Албатта, маълумотҳои дар китоби таълимӣ ҷамъшуда, дониши суннатӣ вобаста ба обро инъикосгар ҳаст гуфтан дур ҳастем. Мо умед дорем, ки ин китобча шавқи Шуморо нисбат ба илмҳои суннатӣ бедор мекунад ва барои тадқиқи илмҳои суннатии ҷамъияти худатон ангезае мешавад.*

*Умратон мисли об дароз шавад, донишатон мисли Исиқ-Кӯл васеъ шавад гӯён,*

*муҳарири китобча Айбек Самаков*

## Суу мен үчүн...

Айтып жана кеткендей:
Чөп жаратат аккан суу.
Төрт-түлүктү семиртип,
Эт жаратат аккан суу.
Алма, жүзүм, алмурут,
Алча кылат аккан суу.
Четин, шилби, карагай,
Арча кылат аккан суу.
Биз билбеген дүйнөдөн,
Канча кылат аккан суу,
Ай жаныбар, аккан суу!..

**Об барои ман**

Чунон ки мегӯянд:
Растанӣ месозад чи басо оби равон
Сер карда ҳамаро,
Ба тани ҷонваракон - гӯшт месозад,
Себу гелосу ноку ангурро
Ҳамаро оби равон месозад.
Боронаку санавбару арчаву ғӯш,
Ҳама аз оби равон сохта шуда.
Хеле аз чизҳо, ки намедонем,
Маҳсули оби равон аст,
Оби зиндакунанда!.....

Аз пайдоиши худ то ҳол
Аз кӯҳ ҷорӣ мешавад.
Шаффоф аст, оби равон!
Аз нигоҳи тоззагӣ
Бингарем ҳамаашро,
Бузург аст, оби равон
Бо қаноти тиллоӣ,
Бо думҳои мисӣ,
Дар оғӯши об – моҳӣ!
Барои ин олам
Бисёр айён аст,
Зарурияти оби равон.!..

*Аккан суу, Жеңижок*

**Об барои ман ва шумо чӣ аст?**

Об барои ҳар як шахс ва ба тамоми ашхос дар давоми умр такрорнашаванда, ҷои бузургеро, ки касе инкор карда наметавонад, ишғол мекунад. Об барои шумо чӣ аст? Бо ҳамин суол мо ба мардум мурочиат карда, баъзе аз ҷавобҳои онҳоро дар ин қисм гузоштем.

Об барои ман ҳаёт ва бойгарӣ аст. Об тозагӣ, шифобахш. Бе об ҳаёт вуҷуд надорад. Обро боз эҳтиром кардан лозим, тоза нигоҳ доштан зарур. Бо об эҳтиёткорона муомила кардан даркор. Ҷонибдори об соҳиб низ дорад (**Карымшакова Шаршекан, деҳаи Кереге-Таш, вилояти Исиқ-Кӯл**).

Об гуфтанӣ барои зоти инсони якумра ҳаётбахшанда об аст. Об набошад ҳаёт нест. Аввалин сарчашмаи зиндагӣ об мебошад. Об хусусияти табобаткунандагӣ дорад, ба дардҳои зиёд даво шудани об маълум аст (**Сейдекан бибӣ, деҳаи Жети-Өгүз, вилояти Исиқ-Кӯл**).

Об ин ҳаёт. Ана мо айни ҳол бо об зиндагӣ мекунем, ин рӯди Козубағлан яке аз обҳои тозатарин ба шумор меравад. Ин об ба гуфти бузургонамон аз санг ба санг зада, об пухташуда, ба дардҳо шифобахш мешаванд. Аммо аз сабаби бисёр шудани мардум, тозагии ин об то рафт ночор шуда истодааст, сабаб ин аст, ки ҳар гуна обҳо ҳамроҳ шуда истодааст (**Пирманова Алтынай, деҳаи Эски-оочу, вилояти Боткен**).

«Об умри инсон, об умри замин. Бе об ҳаёт вуҷуд надорад. Бе об ҳаёт нест» -мегуфт падарам, аз ин рӯ аз қадим падарю падаркалонамон ба об эҳтиромона муносибат мекарданд. Дар ҳақиқат фикр кунам, об гаронтарин чиз аст. Аз кӯҳҳои баландтарин ҷӯш зада баромада, ба сӯи инсон шитоб мекунад. Одам онро ба ихтиёри худ гирифта, замину сабзавотҳои худро обёрӣ мекунад. Об ҳеҷ гоҳ хаста шудам намегӯяд. Инсон ба ҷои масрафкардааш рафта, вазифаи бар дӯшаш бударо аниқ иҷро мекунад. Мо ба воситаи об сабукӣ мегирем. НБО (ГЭС) сохта аз ин ҳам дар хона шамъи тинҷиву осоиштагиро равшан карда, барои пухтани хӯрок ва ба бисёри дигар чизҳо кор меояд. Чизе, ки имрӯз мо истифода мекунем ин об мебошад. Вазифаи иҷрокунандаи об бузург аст. Нӯшӣ ташнагиатро мешиканад, оббозӣ кунӣ ифлосиҳоро мебарад. Нигоҳ кунӣ мисли оина рӯятро нишон медиҳад, мегуфт падарам, барои ҳамин ҳам аз давраҳои пеш, барои об муносибати хуб доштанд (**Кожокеев Жаныбек, деҳаи Кичи-Жаргылчак, вилояти Исиқ-Кӯл**).

Обро ҷони зиндаи ҳаёт меҳисобам. Сабаб дар он аст, ки халқамон обро аз сар, ҳурмату эҳтиром карда, ҳамчун ризқи Худодода ҳисоб кардаанд (**Эркимбаев Максат, шаҳри Каракол, вилояти Исиқ-Кӯл**).

Об барои инсон аз ҳама моддаи зарурӣ мебошад. Об манбаи ҳаёт. Касе, ки обро хор кунад, хор мешавад гуфтаанд, барои ҳамин низ ҳеч гоҳ обро хор накардан лозим нест. Исроф набояд кард. Ин ҳам саволу ҷавоб дорад, як рӯз ҷавоби онро медиҳем, дар ин дунё набошад ҳам, дар он дунёи ҳақиқиамон ҷавоб медиҳем (**Динара, деҳаи Бешкент, вилояти Боткен**).

Об хосияти нигоҳдорандаи маълумот дорад. Баъзе ба халқу замин назар кунем, аз обаш гуфта мемонанд. Об ба худ хос аломатҳо, орзуҳоро дорад. Обро чи қадар тоза нигаҳ дорем, зиндагиамон низ ҳамон қадар тоза мешавад (**Акматалиев Жыргалбек, шаҳри Каракол, вилояти Исиқ-Кӯл**).

**Номҳои об чӣ хел боқӣ мондааст?**

Дар тамоми манотиқи Қирғизистон номгузории обҳо бисёр дучор мешаванд, аз он ҷумла «Көк-Суу» (рӯди кабуд), «Кашка-Суу»(рӯди шаффоф), «Ак-Суу» (рӯди сафед), «Кара-Суу» (рӯди сиёҳ) Барои чӣ қирғизҳо ҳамаи обҳо дар як набуд ҳастанду бо номҳои гуногун мегӯянд? Бино ба об мутахасис, олим, номзад/доктор? Жумакадыр Жекшенович Карамолдоев чунин суолҳои пурмӯҳтаворо гузошта, номгузории оби қирғизони қадимаро кӯшиш кардааст асрори илмиашро рӯдбад. Дар асоси тадқиқодҳо Карамолдоев Жумакадыр Жекшкенович чунин фикрҳоро пешниҳод мекунад.

Донишманд падару модарон ҷоришавии об, хосиятҳояш, ҷорӣ шудани чашмаҳоро пай бурда, хусусиятҳояшро эътироф карда, нисбат ба онҳо номгузорӣ кардаанд. Номи об-ин хусусияти об аст.

"Обҳои кабуд"(Көк-Суулар)воқеъ дар минтақаҳои гуногуни кишвар, байни худ чашмаи ғизоии об монанд буда, он ҳам ҳамчун чашмаи ғизодиҳанда, обҳои "кабуд", "шаффоф", "сафед", "сиёҳ" аз ҳамдигар фарқият доранд.

» ***«Обҳои Кабуд » (Көк-суулар*** )асосан аз пиряххо ворид шуда, обе, ки аз ҷои бузургбаромада ҳисобида мешавад. Онҳо аз пиряххҳои обшуда ғизо мегиранд. «Обҳои кабуд » нисбат ба шимол дар ҷануб камтар дучор мешаванд, сабаб дар он аст, баландии кӯҳҳои ин маскан нисбат ба кӯҳҳои шимолӣ пасттар буда, кам будани пиряххҳоро ифода мекунад. Барои мисол, дар рӯди "Оби сурх", ки шохобаш Алайкуу аз баландии кӯҳ оғоз шуда рӯди "Оби Кабуд" мавҷуд аст. Сатҳи "Оби Кабуд" дар охири моҳи июл ва аввали сентябр бениҳоят боло шуда, ба моҳи обшавии пиряххо рост меояд.

***«Обҳои Шаффоф»*** (***Кашка-Суулар***) **асосан дар натиҷаи барф ва пиряххо** ба вуҷуд меояд. Асосан аз пиряххо ва бисёртар барфҳое, ки дар доманакӯҳҳо аз обшудаи онҳо як хел ғизо мегирад. Барои ҳамин, обҳои "шаффоф" мӯҳлати обхезӣ нисбат ба обҳои "кабуд" бисёртар тӯл мекашад (аз моҳи май то моҳи сентябр рост меояд) Онҳо дар як рӯз вақти нисфирӯзӣ сатҳаш боло шуда то субҳ давом мекунад.

Пирях, барф ва обҳои зеризаминӣ қариб мисли рӯдҳои якхела "обҳои ало"-ро дар бар мегирад. Барои мисол, обҳои Ала-Арча, Ала-Бука. Номҳои баъзе аз обҳо шарҳ шуда истода "кабуд", "шаффоф", "ало", "сафед", "сиёҳ" бо баробари рангаш, номи ҳайвонҳоро низ ифода мекунад. Мисол, дуюм қисми обҳои Ала-Бука (барзагови ало) ё Ак-Буура(уштури сафед), дурусттар гӯем "барзагов" ва "уштур", қувваи ҷоришавии ҳамон обро ифода мекунад. Ала –Бука аз баландии кӯҳи Чатқал, Ак-Буура бошад аз баландии кӯҳи Алай сар карда, ҷараёни бузург, обҳои бо суръати тез ҷоришаванда мебошад.

***«Обҳои Сафед »*** (***Ак-Суулар)*** боз аз барф ва пиряххо ташкил шуда, аммо бузургуии миёнаи он аз обҳои Кабуд ва Шаффоф пасттар ҷойгир шудааст ва дар атрофи соҳили шимол низ дучор мешаванд. Мисол, ба яке аз номҳои ноҳияи Исиқ-Кӯл, ки Оби Сафед ном дорад, дар ҷанубии кишварамон аз кӯли Ай-Кӯл бо оби ҷоришуда, баъд аз ҳамроҳ шудани оби Денизбай пайдошудаи рӯди Ак-Суу (Оби Кабуд) вуҷуд дорад. Ин об дар моҳи май даромада, дар моҳи июл ҷӯш зада, моҳи сентябр ҷорӣ мешавад.

***«Обҳои Сиёҳ »*** (***Кара-Суулар*** )бисёртар аз обҳои зеризаминии чашмаҳо ва аз обҳои ками барфу пиряххоро ташкил мекунад. Оғози обҳои "Сиёҳ" нисбат ба обҳои "кабуд", "шаффоф", ва "сафед" дар пастӣ ҷойгир шудааст. Мисол, оби Исфана, ки аз забони мардум Оби Сиёҳ мегӯянд, мебошад.

Ҳамин тавр, аз оғози баромади обҳо ва аз чашмаҳои ғизогиранда, вобаста ба намудашон номгузорӣ мешавад. Оғози об аз ҳама баландтарин буда, аз оби пиряххо

пайдо шудаи рӯдҳо “Обҳои Кабуд” буда, аз онҳо обҳои сар шуда “кабуд”, “шаффоф”, “ало”, “сафед”, “сиёҳ” ном бурдаанд. Албатта, қоидаҳои дар боло қайд шуда, тамоми баромади номҳои обҳои Қирғизистонро дар бар намегирад. Мисол, дар манотиқи Қирғизистон обҳо бо номи **“Оби Сурх”(Кызыл-Суу)** хеле зиёданд. Обҳои он дар давраи палеоген, ки рӯйи кӯҳу баландиҳои сурхи ботлоқиро шуста фаромада оби сурхи гилин ҷорӣ мешавад.

Баъзе номи обҳо аз рӯи баромаду намудашон нею, вобаста ба саргузашти обҳо ном мондаанд. Мисол, “Обҳои Девона”(Тентек-Суулар) дар тарафи водӣ якеаш аз сӯи рост ҷорӣ шавад, дигараш аз сӯи чап ҷорӣ шуда, ҷойи худро дигар карда меистад. Доимо дар як тукта ҷорӣ нашуданаш, халқи қирғиз ин тавр обҳоро “девона” мегӯянд. Аз ҳама бузургтарини он, аз оғози кӯҳҳои баладтарини Фарғона ва Бабаш-Ата обҳои Кызыл-Үңкүр ва Арстанбап ҳамроҳигарипо ташкил намуда, ба “Рӯди Сиёҳ” аз тарафи рост ҷорӣ мешавад. Ба ҳамон монанд “Обҳои Девона” ҳангоми даромадани моҳ ҷӯш зада, ҷойҳоро дошта, ба деҳаҳо, ба чорвоҳо аз сабаби хатарнок ҷорӣ шуданаш, чунин ном гирифтааст.

Чашмаҳо аз илми халқӣ ба ду гурӯҳ “мард” ва “зан” тақсим мешавад. Дар чуқурии 100-200 паҳнгашта, дар зери замин обҳои ором, ки дар кӯҳҳо ҷорӣ мешавад, чашмаҳои бемавҷ пайдо мешавад. Номҳои ингуна обҳо гидронимҳо, бисёртар дар забони халқ “чашмаи мард” номгузорӣ шудааст. Обҳое, ки чашмаҳои серҳаракатро пайдо кардааст, дар зери замин низ вуҷуд дорад. Чашмаҳои серҳаракатро бисёртар “ чашмаҳои зан” ном мебаранд. Хуллас, дар илми халқӣ дар асоси сохт ва пайдоишаш ду намуди чашма (серҳаракат ва беҳарак) –ро шинохтаанд. Бо баробари сохти чашма, пайдошавиаш онро дар муддати як рӯз ва дар кадом моҳе набошад чи қадар об баромаданашро барои аниқ кардан ёрӣ мерасонад.

**Саволҳо**

- Об барои шумо чӣ аст?
- Дар ҷои истиқоматии шумо обҳои «кабуд», «шаффоф», «сафед», «сиёҳ» ё «сурх» мавҷуд ҳастанд? Дигар намуди обҳочӣ? Барои чӣ онҳо чунин номгузорӣ шудаанд.

## Расму оинҳо

Башын салса: «Тур, кет!» деп,
Унчукпаган аккан суу!
Ирик менен чирикти,
Таза кылган аккан суу.
А жаныбар, аккан суу,
Күнү-түнү аксаң да,
Кызмат этип жатсаң да,
Кадырыңды билбейбиз.
Көңүлүңдү кир кылып,
Кайра өзүңдү тилдейбиз.
Жок дегенде бир жылда,
Зыярат кылып жүрбөйбүз.
Суу сыйлаган зор болор,
Суу кордогон кор болор,
Өзүнө өзү жоо болор.
Акыл менен ойлоп ал,
Айткан жокмун тим гана!..
*Аккан суу, Жеңижок*

Вақте оббозӣ кунанд
Об нагӯяд: “ Хез бирав”,
Чирку ифлосиҳоро,
Тоза кунад оби равон.
О ҷонбахш оби равон.
Рӯзу шаб ҷори шавӣ ҳам,
Хизмат карда истӣ ҳам,
Қадратро мо намедонем,
Дилатро ифлос карда,
Боз ба ту лаънат кунем.
Ҳеҷ набошад дар як сол,
Зиёрат карда намеравем.
Обро эҳтиром карда, зӯр мешавад,
Обро хор карда, хор мешавад.
Худ ба худ душман мешавад.
Як каме худ биандеш,
Нагуфтаам беҳуда.

Дар зиндагии ҳаррӯзаамон як қиси муҳимро урфу анъанаҳо, расму оинҳо ишғол мекунанд. Дар ҳамон урфҳо бисёртар обро истифода карда, аз пайдоиши инсон оғоз карда, то рӯзи марг хосият ва истифодабарии обро дар маросимҳо сухан мекунем.

**Кӯдакро ба 40 қошуқ об оббозӣ кунонидан**

Кӯдаки навзод, вақте ки чилрӯза мешавад, онро ба 40 қошуқ об оббозӣ мекунонанд. Маросими оббозӣ дар бисёри халқиятҳо мавҷуд аст. Онро қирғизҳо “Кыркын чыгарабыз”(чилагурезон) гӯянд, қазоқҳо«Қырқынан шығару же шілдехана», татар, ӯзбек, уюғурҳо “оби чил” (кырк суу) мегӯянд. Ин анъанаро занҳо иҷро карда, чил қошуқ ба об кӯдакро оббозӣ мекунонанд ва дар вақти бо қошуқ об рехта, чунин ниятҳои хуб мекунанд, “ Умай бибӣ паноҳат бошад”, “Умрат мисли об тоза, осон ва дароз бошад”, “Мисли об равон буда, ҳеҷ аз ягон роҳат раҳгум накунад”. Асосиаш то чиллаи кӯдак набаромадана, ӯро ба берун намебароранд. Ин анъана дар тамоми минтақаҳои Қирғизистон ташкил карда мешавад, барои ҳамин мувофиқ ба минтақа анъанаҳо шояд фарқ кунад.

Дар қазоқҳо, рӯзи чилларо баровардан ҳамон рӯз зодрӯзи кӯдакро ҷашн мегиранд. Сабаб он аст, ки баъд аз 40 рӯз гузаштан, кӯдак худ мустақилона ба муҳити зисти канори модараш одат мекунад. То баромадани чиллаи кӯдак, ӯро ба ҳеҷ кас нишон намедиҳанд. Ҳангоми барпо кардани маросим, занҳову бибиён кӯдакро ба 41 қошуқ об, оббозӣ мекунонанд. Махсус ба коса 41 танга ва 41нахӯддона меандозанд. Тангаҳо нишонаи бойгарӣ, нахӯддона бошад нишонаи серриву осоиштагӣ. Меҳмонҳои омада,

бо қошуқ ба коса об меандозанд ва ниятҳои хубро мегӯянд. Нафарони кӯдакро шӯянда низ ниятҳои нағз гуфта меистанд. Тангаву нахӯддонаҳои оббозӣ карда истода, ба болои кӯдак барояд ҳам мешавад. Ба тамоми аъзои бадани кӯдак об расиданаш зарур. Сабаб, ҷойҳое, ки об нарасида бошад, ҳамон аъзоҳояш дардҳоро ба худ кашиданаш мумкин. Мӯю нохуни кӯдакро гифта, чашм нарасад гӯён ба матое печонида ба либосаш дӯхта мемонанд. Баъд аз гузаштани маросим чизҳои истифодашуда коса, қошуқ ва тангаҳо, гузаранда бошад, ба хонаи онҳо низ кӯдак биёяд, гӯён ба меҳмонон тақсим карда медиҳанд. Нахӯддонаҳоро бошад ба ҷои қадам нарасида пошида мепартоянд. Оби чиллагурезон хосияти эмкунандагӣ дошта, агар хоби кӯдак вайрон шавад, рӯяшро бо ҳамон совида монанд мешавад (**Ибраева Айнура, шаҳри Каракол, вилояти Исиқ-Кӯл**).

Дар ӯзбакон бошад, занҳо ҷамъ шуда, хӯрок пухта, ба ду косаи об танга, тилло ва камтар аз қисми гӯшт меандозанд. Занҳо бо навбат аз як коса ба дигар коса об рехта, ба кӯдак ниятҳои хуб мекунанд. Баъдан ин об тоза мешавад ва ба обе, ки кӯдакро мешӯянд, илова мекунанд **(Гульнара, шаҳри Каракол , вилояти Исиқ-Кӯл ).**

Мисол, дар саҳфаи 20-и китоби «Кара кыргыз», маросими баровардани чиллаи кӯдак чунин тасвир мешавад.
(«Кара кыргыз», 5-китоб, Орозбек Айтымбет: Көкө Теңир, Б.:Бийиктик, 2007):
Баъд аз чилрӯза шудани кӯдак "либоси саг"-ро (ит көйнөгүн) (либосе, ки дар вақти таваллудаш пӯшонидаанд) кашида, аз чил матоъ қуроқ карда дӯхта "тӯйи чилла, либоспӯшонӣ" баргузор мегардад, чил дона нон пухта, ба бачагони дар берун бози карда гашта, тақсим карда медиҳанд. Кӯдак "либоси саг"-ро кашида, "чил либос"-ро дар ҳамон шаб пӯшонида, дар атрофи гавҳорааш шамъ равшан мекунанд. Ҳар як шамъҳои инҷо буда, ҳар як қабилаи қирғизро ифода карда, хосияту қудрати ҳамон қабилааш кӯдакро пуштупаноҳӣ мекунад гӯён қабул кардаанд. Инчунин аз ҳама зани куҳансолтарини дар ҳамонҷо буда, аз Көкө Тэнир ба кӯдак умри дароз металабад. Дар вақти чиллаи кӯдакро баровардан, модаркалони мӯҳтарамаи ҳамон кишвар, ба даҳони кӯдак аз оби шаффофи кабуди кӯҳ расонида, чунин мегӯянд:
Кырк атаңдын жөрөлгөсү,
Ата-энеңдин өбөлгөсү,
Кырк уруу кыргыз ичкен суу,
Кырк атабыз кечкен суу,
Кырк ашууну ашкан суу,
Кырк томолонуп келген суу,
Кыр таштарды кырккан суу,
Кызыр атам таткан суу,
Суудай таза бол!
Нурдай сулуу бол!!!

Маросими чиҳили падарамон,
Пешниҳоди волидонамон.
Обе, ки чил авлоди қирғиз нӯшида
Обе, ки чил падарамон баргузашта
Обе, ки чил ағбаро тай кардааст
Обе, ки аз чил сӯй омадааст
Обе, ки чил сангро буридааст.
Обе, ки падари Хизрам нӯшидааст.
Мисли об тоза бош
Мисли нур зебо бош

**Косаи обро болои сар нигоҳ доштан**
Дар бисёр вақт, одамон ҳангоми аз  сафарҳо ё набошад дар беморхонаҳо ё аз дигар ҷойҳои хатарнок баргаштанашон, дар вақти ба хона даромадан ба остона истода, аз сарашон косаи обро чарх мезанонад. Оби дар коса бударо ба ҷойи одам зер накарда ё ба зери дарахт мепошанд. Маънии ин маросим дар он аст, ки шахси ин анъанаро иҷро карда истода, чунин суханҳоро мегӯяд: умри дароз бинад, зиндагиаш тоза шавад,ҳангоми дар сафар буданаш аз чашмҳои бад, аз суханони бад, агар ягон бемориҳо бошад бо ҳамин об равад гӯён ин маросимро мегузаронанд.

**Маросими дамандозӣ ва дуохонӣ**
Ба нафарони хунукгирифта ё хунукзада дуо хонда монанд хуб мешудааст. Ҳангоми нимторик шудан, вақти ғуруби офтоб, анбӯрро бениҳоят гарму тасфон карда, беморро дар остона шинонида, сарашро ба боло дошта, обро гирифта анбӯрро меандозад. Ба анбӯри тасфида истода об расида буғ шуда, гармии он ба сар расида-норасида об мепошад. Ҳамонро се маротиба такрор карда, баъди он обро аз сар давр занонида, ҳангоми ғуруби офтоб онро пошида мепартоянд. Беморро бошад аз ҳамон замон ба бистар хобонида, анъанаи аз сар то пояш бо болту зер карда-зер карда, па поёни пояш мепартоянд, мегузаронанд. Баъд аз як ду соат бемор табъи баданаш мебарояд, он оби аз бадан бароянда тамоми дардҳояш баромада меравад.
Ба об дам андохта, ҳамон обро барои аз дард озод шудан ё набошад барои нигоҳ доштани саломатии худ менӯшанд. Бисёри табибон аз сураҳои Қуръон хонда, ба об дам андозанд, нафароне, ки динашон хиристианӣ аст, аз китоби Инҷил дуоҳоро хонда ба об дам меандозанд. Вақте ки ба об дам меандозанд суханҳои хуб, ниятҳои нек гӯянд ҳам мешавад. Мисол, як коса обро дар рӯз бо  Тэңир Ата ва Жер дам карда истода, 9 маротиба хонда, ба шиками гурусна нӯшидан дар забони халқ шунида мешавад. **(Садыр уулу Жумагазы, Исиқ-Кӯл, деҳаи Кызыл-Туу):**
Суунун пири – Сулайман-ата!
Өзүңдөй тазалык бере көр,
Денемдеги дарт-дубанын баарын тазалай көр,
күч-кубат бере көр!
Суунун пири – Сулайман,
Жан дүйнөнү аруулап,
Жан дүйнөнү дарылап,
Каптап келген жел ойдон,
Кара из баскан карадан,
Баш айланткан жиндерден,
Баш аламан тилдерден,
Кагылайын Суу-Ата,
Керемети колдой көр!
Пири об-Сулаймон падар!
Тозагии худ ба мо бидеҳ
Дардҳоямро тоза кун
Қувватам бидеҳ!
Пири об-Сулаймон падар!

Дунёи қалбро пок карда,
Дунёи қалбро даво карда,
Аз омадани  шамоли тахайюл,
Аз омадани сиёҳиҳо,
Аз ҷинҳои роҳзан,
Аз забонҳои беитоат,
Азизам эй Пири -Об,
Каромататро бисанҷ!

Ба об дам андохта як чанд маросимҳо гузаронида мешавад. Масалан, маросиме ҳаст халосӣ аз нуқс дар чашмон, вақте оби дуохондаро дар даҳон ҷамъ мекунанду ба рӯю чашмон мепошанд. Тасодуфан кӯдаки хурдсолрро бениҳояд дӯст дошта монанд, Ба он кӯдак чашм нарасад, чаҳмаш расида набуравад гӯён аз сар то пояш бо об сила мекунанд ё либоси модарашро тар карда рӯи кӯдакашро мешӯянд. Дили кӯдакони майда, фаромада бошад, обро ба маросими дилбардорӣ истифода мекунанд.

Маросими дилбардориро аз бибиам дидаам. Бибиам табиб(эмкунанда) буданд. Табибӣ бисёртар аз модар ба духтар дода мешавад гуфта шунидаам. Ӯ дили шахсони сахт тарсидаро мебардорад. Бибиям ғайраз худ, боз ҳамроҳи  ду табибзан, маросими дилбардориро мегузаронанд. Аз ҳама якумин нафари дилаш фаромадаро ба остонаи хона оварда монда, хобонида, пояшро ба осмон боло карда се маротиба “фаромад-мӣ, фаромад-мӣ” гӯён ин маросимро мегузаронанд. Баъди он ба косаи хурд об оварда, ба сари шахси дилаш фаромада давр занонида, се маротиба туф мекунонанд. Баъдан ба ҳамон об орд ҳамроҳ карда хамир мекунанд. Он хамирро ба оташпораҳо гӯр карда мемонанд.  Агар хамири даврашакл накафаду дар шакли худ биистад, усул натиҷа дода, дилаш ба ҷояш фаромада ба ҳисоб меравад. Агар хамир бикафад, маросимро аз нав мекунанд. Дар баъзе маврид хамирро ба зери бозуии шахси дилашфаромада мегузоранд. Дилбардорӣ 3 ё 7 маротиба гузаронида мешавад. Баъзан “ақлаш даромадаст” ҳам мегӯянд. Ин гуфтагиш ба  дилаш поён фаромадан бисёр шудааст. Онҳоро бисёр маротиба дилбардорӣ кардаанд. (**Абдыкаар кызы Бегимгүл,шаҳри  Кызыл-Кыя,  вилояти Боткен )**

Саҳари барвақт, ҳангоми субҳ дамидан, дар вақти ҳеч кас ба об нарасидан, гирифтани оби чашма, хусусияти хуберо дорад. Дар вақти фаромадани дили кӯдак, обро аз чоҳ ё чашма қафоро нигоҳ нагарда оварда, ҳамон обро ба кӯдак нӯшонанд,дасту пояшро шуста, оби боқимондаро ба боғ пошида партофтан лозим аст. Бо ҳамин, аз чоҳ 40 маротиба об оварда, кӯдакро бишӯянд сиҳат мешавад. **(Валентина Рябова, шаҳри Каракол , вилояти Исиқ-Кӯл)**

**Номгузории об**

Баъзе бемерон то дер сиҳат нашаванд, ҳамон нафарро махсус ба дигар ҷой, дигар деҳа ба воситаи об,  бардошта мебаранд. Агар об рехта равад, ҳамаи бемориҳо дар ҳамон ҷойи қадима мондааст мегӯянд. Шахс баъд аз беморӣ халос шудан боз баргашта меояд.

**Аз қафояш об пошидан**
Агар ба хона одамони бадандеш омаданд ё баъди низоъҳо, дар паси одам "об ҳамаашро шуста барад" - гуфта об мепошидаанд. Маросими ба ҳамон монанд дар халқи русҳо низ будааст, одами бад дубора ба хона наояд гӯён аз қафояш об мепошидаанд. Боз, аз бовариҳои мардуми рус чунин бар меояд, ки сарҳади  ин дунёву он дунёро об ташкил карда, пас аз мурдаро ба хок супоридан,  ба остона як сатил об рехта, хонаҳоро мешустаанд. Дар дунганиҳо, баъд аз гирифта бурафтани духтар аз ҷониби қудоҳо, об пошида, рӯи ҳавлиро мерӯфтаанд. Ин маросим чунин маъниро ифода мекунад: " Духтарамон дар ҷои рафтааш бахташро ёбад" **(Мария Иманбакаева, шаҳри Каракол, вилояти Исиқ-Кӯл).**

Дар ҳамон вақт, баъзе аз шахси наздики  якон кас ба роҳи баромада равад, аз қафояш об мепошидаанд. Об доимо ба чашмаи худ бармегардад, аз ин рӯ агар аз қафои ҳамон одами рафта об пошанд ба манзили худ сиҳату саломат бармегардад гуфтаги маънoро ифода мекунад.

**Маросими арӯсӣ**
Маросими асосии тӯй ин никоҳкунӣ ба ҳисоб меравад. Ба назди нигоҳи бавосита, обро ба коса монда, шакар меандозанду ба дохили он тангаи нуқрагин андохта мемонанд. Баъд аз дуои никоҳ хонда шудан, ҳамон обро ҳарду зану шавҳар тақсим карда менӯшанд.  Ҳангоми нӯшидани об, ба мушкилиҳои рӯзгор, тамоми вазминиҳои рӯзгорро ҳамҷоя пеш бурда, худамон, ҳам зиндагиамон мисли об тоза шуда, умрамон монанди об дароз шавад гӯён ният мекунанд. Ширин кардани об, зиндагии оилаи нав низ ширин шавад, мисли нуқра асил ва тоза шавад гӯён, ташкил карда мешавад. Об нишонаи муқаддас, ширинӣ,  абадияту тозагиро ифода карданаш, хақи некхоҳ чунин маросимро баргузор мекунанд.
Баъд аз хонда шудани нигоҳ ҳам, дар баъзе минтақаҳо ба воситаи об арӯсро месанҷидаанд. Масалан, дар тоторҳо арӯси навро ба чоҳ барои гирифта омадани об мефиристонанд.Агар обро нарезонда оварад, арӯси чаққону эбкунанда меҳисобанд, агар резонда орад  бемасъулиятиро ифода мекунад **(Амангулова Сезим, 24сола, шаҳри Каракол).**

Дар баъзе деҳаҳои Қазоқистон маросими ба арӯси ҷавон, нишон додани сари чоҳ мавҷуд аст. Хешовандон арӯсро ба назди чашма ё чоҳ гирифта мебаранд, арӯс бо ду сатил обро гирифта ба хонаи хушдоман оварданаш лозим аст. Ба дохили сатил тангаи нуқра меандозанд ва боз меҳмонони дар хона буда ҳамон обро харида мегиранд (**Ахмедов Вали, шаҳри Каракол, вилояти Исиқ-Кӯл**).

Пеш аз тӯй, дар халқи рус маросими духтар бо ҳамроҳии дугонаҳояш ба ҳамом фаромадан ҳаст. Дугонаҳои духтар хотираҳои ҷавониро ба ёд оварда бисёр шеър хонда, серфарзанд шавад гӯён ният мекунанд. Дар ҳамон рӯзи тӯй, арӯс бо дугонаҳояш пардоз карда бо сиёсат ба об мераванд.Бо оби овардааш, дар назди дарвоза ва дари хонаи шавҳараш  об монда, мешӯянд. Баъд аз гузоштани об, дубора ба об рафта омадан, домод онҳоро бо хӯроквориҳои хуш пешвоз мегирад. Ба нафарони дар роҳ

дидагонашон об пошидан низ мешавад. Бо оби оварда арӯс хӯрок мепазад. **(Ольга Фролова, шаҳри Каракол, вилояти Исиқ-Кӯл)**

**Даъвати борон: маросими қурбонӣ**

Даъвати борон дар бисёри халқҳо мавҷуд аст ва гуногунанд. Асосан, дар вақтҳои хушкӣ ҳамсояву хешон ҷамъ шуда, ба қурбони мол кушида, аз Офаридгор борон талабида, маросими даъвати боронро мегузаронанд. Даъвати об асосан дар назди об ё чашма баргузор мекардад, аммо боз дар хона низ гузаронидан мумкин. Масалан, дунганҳое, ки дар вилояти Исиқ-Кӯли деҳаи Ырдык зиндагонӣ доранд, маросими «Чур йур» борон борро чунин мегузаронанд:

Дунганиҳо бо меҳнаткашиашон маъмуланд, сабзавотҳоро бисёртар месабзонанд. Дар яке аз солҳо борон наборида мемонад ва сабзавотҳои кордаашон дар саҳро хушк шуда мемонад. Ҳамон вақт мардуми деҳа ҷамъ шуда, борон борад гӯён маросими «Чур йур» ташкил мекунанд. Пеш аз он барои гузаронидани маросим ҷойро интихоб мекунанд. Маросим аз рӯи қоида, сӯи кӯҳ дар назди об баргузор мегардад. Дар рӯзи муайяншуда мардҳо фарзандонашонро гирифта ба маросим меоваранд. Қуръон хонда гӯсфанд ё гӯсоларо қурбонӣ мекунанд. Сари ҳайвони ба қурбонӣ дучоршударо ба об меандозанд, гӯё он ба соҳиби об ба Аждаҳо бошад. То пухтани гӯшт, мардҳо аз сабаби оқилона муомила накардаашон аз об маъзарат пурсида, тоба карда Қӯръон мехонанд. Баъди он, ҳамаи одамони Қуръонхон давра шуда нишаста, сураи обро мехонанд. Хӯрок тайёр шавад, ҳамаашон бо фарзандонашон борон борад гӯён дуо мекунанд. Ҷои маросимро тоза карда ба хонаашон бармегарданд. Пеш аз он ҳангоми рафтан 23 санги майдаро ба дохили об меандозанд. Баъди ду се рӯз борон меборад (**Цеахунов Абдрахман, деҳаи Ырдык, вилояти Исиқ-Кӯл**).

Ҳангоми хушкӣ дар халқи славиянҳо борон борад гуфта, маросим ташкил мекунанд. Дар он маросим бовариҳои пеш аз дини христианӣ ва дини христианӣ баробар ба назар гирифта шудааст. Бо ақидаи оби замин ва осмон ҳамеша дар муносибат ҳастанд, аз ин рӯ барои боридани борон дар назди чашмаҳом замин маросим барпо мекунанд. Мисол, ба ҷои оби хушкшуда ё ба чашма бо соҳибони калисо рафта, онро тоза карда, ба Худо зора кардаанд. Боз ба чоҳ гандум, лӯбиё, нон, намак ва дигар чизҳоро оқонидаанд. Сабаби рехтани гандум ё лӯбиё дар он аст, ки қатраҳои борон мисли гандум калон шавад гуфтаанд **(Валентина Рябова, шаҳри Каракол, вилояти Исиқ-Кӯл).**

**Ғусли таъмид**

Дар христианҳо баъд аз қабули дин, кӯдакро махсусан оббозӣ кунонидан, маросими “Ғусли таъмид” (чокундуруу), бо забони русӣ «крещение» мегӯянд. Ба об махсусан тангаҳои нуқраро андохта, дуоҳо мехонанд. Бо ҳамин, ғусли таъмид дигар хел карда гӯем, маросими вобаста ба оби дини христианӣ қабул карда шудааст. Мисли ҳамин дар рӯзҳои зимистон дар маросими Исо, христаниҳо яхро об карда гирифта, ба оби сард оббозӣ мекунанд, дар ҳамон сол рӯз хунук шуда, яхбандӣ мешавад. Дар ҳамон вақт об хеле тоза буда ва гирифта монанд то дери вақт вайрон намешудааст. Ҳамон обро ягон нафари бемор нӯшад мешавад, ё набошад барои тоза кардани хона истифода мебаранд.

**Таҳорат гирифтан**

Дар ислом агар дар ҷое, ки об набошад, ба воситаи хок расми шустушӯй кардан. Ҳангоми таҳорат гирифтан, одам аз оринҷ сар карда, даҳону биннӣ, рӯй, пойро шуста сарашро масҳ мекашанд. Тамоми танаро шустан ғусл ном дорад.

**Ба даст об рехтан**

Дар тӯю маракаҳои халқамон, пеш аз кашидани гӯшт ва баъди хӯрок, ба дасти дар атрофи дастурхоннишастагон маросими обандозӣ мавҷуд аст. Дуои нишастагонро гирем гуфта, об бисёртар кӯдакон меандозанд. Ҳангоми шустани даст, ба кӯдаки об андохта истода "Мисли об умрат дароз шавад", "Хушбахт шав", "Ба ниятат бирас", "Кам набош" ва ғайра дигар ҳар гуна дуоҳоро гуфта меистанд. Оби дар назди хӯрокбударо ширгарм карда, дигарашро бошад барои буравондани равған гармтар карда тайёр мекунанд. Обро ба даст кам-кам меандозад. Нишастагон ба меҳмонон аз тарафи рост сар карда об мерезанд, хӯрокро бошад аз тарафи чап саркада то ба тарафи рост ба охир мерасонанд. Дар баъзе аз манотиқи Қирғизистон меҳмононро пеш аз ба хӯрок даромаданашон аввал ба дасташон об рехта баъдан ба хона медароранд.

**Хоби бадро ба об гуфтан**

Қирғизҳо ҳангоми дидани хоби бад бе ягон хел дудилагӣ ба нази оби ҷорӣ шудаистода мегӯянд, рӯяшонро шуста, ба хонаашон омадаанд. Аз ҳамин сабаб,сухани "Хоби бад биниӣ ба об гӯй" мондааст. Бо ақида баъзе аз одамон хоби бадро бояд нагӯем, ин обро ба нороҳат кардан баробар мешудааст.

**Замин пайдо кардан барои бо об сохтани хона**

Баъзе шахсон ба ҷои хона мепӯшидаашон дар шаб об пошида мемонанд. Об нағз истад, ҳамон замин барои хона пӯшидан мувофиқ аст. Агар вайрон шавад замини он ҷо дами бад доштааст гӯён дигар ҷой пайдо мекунанд.

**Маросими бо об шустани ҷасад (Майрам суу)**

Инсон баъд аз ин дунё рафтан, то ба хок супоридани ҷасад, мурда шуста мешавад. Баъзан пеш аз шустани ҷасад, аз "майрам суу" мегирад. Барои шустани мурда се ё чор занҳои таҷрибанок медароёянд, бисёртар ба назди мурда, наздикон, духтар ва писарҳояш медарояд. Ҷасад зан бошад отуноя (зане, ки илми динӣ дошта бошад) агар ҷасад мард бошад домулло, мурдаро дар назорати онҳо мешӯянд. Пештар мурдаро таҳорат кунонида, мисли инсони зинда, ки ғусл карда шуста мегиран. Баъд аз шуста шудан ба суф мепечонанд. Ба мурдошӯён аз сабаби қарз нашуданаш, барои розигӣ ба онҳо либосу дегу табақ ё дигар чизҳоро медиҳанд. Аз бовариҳои мардум бармеояд, ки баъд аз шустани ҷасад гӯши он кар мешудааст, агар мурда ношуста бимонад, он чизе, ки дар ин дунё мешавад ҳамаи онро ҳамон инсони мурда шунида хеле азоб мекашад, мегӯянд. Баъди шустани ҷасад, марҳум аз ин дунё якбора хайру хуш мекунанд. Аз ҳамин сабаб, шахсони мурдашӯй савоби зиёд мегирифтаанд.

Баъди аз ин дунё рафтан, ҷасадро ба об мегиранд.Пеш аз он наздиконаш дохили мурдаро ба воситаи об тоза мекунанд, инчунин тарафи авратро низ. Агар аз гӯш, даҳон ё аз дигар тарафаш хун ояд, бо об шуста пахта андохта мемонанд. Ин расму русум “майрам суу” ном дорад. Ҳамаи ҷасадро ба “майрам суу” намегирад. Агар шахс ба майрам суу бигиред гуфта, ё аз ягон аъзои танааш хун ҷорӣ шавад, пеш аз вафоташ дарунаш наравад, дар дарунаш пешоби зиёд ё кам бимонад, то омадани халқ тоза истад гӯён ба “майрам суу” мегузоранд. Бе ғайр аз ин шаҳидшудагонро низ мегиранд. Баъди он маросими “шустани ҷасад” оғоз мегардад (**Мурзаканова Ибадат, деҳаи Ынтымак , вилояти Ош).**

**Бовариҳои мардумӣ, мамнӯъҳо ва қоидаҳои нонавишта**

Бовариҳои мардум вобаста ба об, мамнӯъшуда ва қоидаҳои нонавишта мавҷуд аст. Ин гуна бовариҳоро баъзе одамон ба хотир наоранд, дигарон танҳо вобастаи об ҳастанд. Масалан, дар қирғизҳо чунин суханҳо “Пири(падари)об Сулаймон”, “Пири об Байэне”, “Пири борон Күлдүр Ата”, “Пири оби борон Чагил кан”, “Модари об Сук” мавҷуд аст. Вобаста ба об чунин мамнӯъҳоро фаҳмидем:

Аз рӯи расму русум арӯси навтаваллуд кардаро ба об овардан намефирсонанд. Дар торикӣ кӯдакҳоро барои об овардан низ намефирсондаанд (**Тутаева Жаркын, шаҳри Каракол, вилояти Исиқ-Кӯл** ).

Ман дар вақти ба об рафтан “парии об об медиҳад”-аз ӯ пурсида мегирам, мегӯяд. Бибиям ба ман чунин об гирифтанро омӯзонидааст (**Жээнчороева Роза, деҳаи Ичке-Жергез , вилояти Исиқ-Кӯл).**

Падарбузургам ишкамбаи бузро ҳеч гоҳ ба ҷӯй намешуст, то ҳоло ин корро намекунем. Ин аввалан аз рӯи тозагӣ, дуюмаш, агар шӯӣ ризқат бо об меравад мегуфт. Ҳоло фикр кунам ин ҳамаш барои ифлос накардани об гуфта будаанд (**Медет Термичеков, шаҳри Каракол, вилояти Исиқ-Кӯл ).**

Рӯзи ҷӯма набояд ҷомашӯи кард, чун дар ин рӯз арвоҳҳо меоянд, онҳоро ҳурмат кардан лозим гуфта шунидаам **(Шаршембиева Гулай, деҳаи Отуз Уул, вилояти Исиқ-Кӯл ).**

Дар шаб бояд рӯи обро пӯшидан зарур гуфта шунидаам аз гузаштагон, аз ҳамин сабаб рӯи оби дар сатил бударо ҳеч гоҳ кушода намемонам. Аввалан, барои барои чангу-чунг надаромадан ба об мебошад. Дуюм, барои ҳимоя аз анкабут (тортанак) мебошад. Оби анкабуд афтидаро нӯшида намешавад, бехосият мешудааст. Аз рӯи бовариҳои мардум, шахсоне, ки оби анкабут афтидаро нӯшанд ба ҷони худ қасд мекардаанд. Аз ҳамин сабаб манъкардаҳои халқӣ шояд беҳуда гуфта нашавад **(Дехканова Маҳмура, деҳаи Халмион, вилояти Боткен).**

Аз қадим падарю падаркалонамон ҳангоми дар кӯҳ ё дар чаронидани ҳайвонҳо буданашон доимо чашми обро тоза карда меомадаанд. Барои нигоҳ доштани об, ба дигар сӯй наравад, ифлос нашшавад гӯён, тоза мекардаанд. Ҳангоми ҳайвонҳоро обёрӣ кардан, аз об бахшиш пурсида, об тоза шавад, ифлос нашавад гӯён ҳамеша ғам мехӯрдаанд (**Касымбеков Орузбай, деҳаи Маман, ҷилояти Исиқ-Кӯл.)**

Модарам доимо ба об туф ва қазои ҳоҷат кардан мумкин нест мегӯяд. Шахси ба об туф карда, мисли ба чашми Худо туф карда борин аст. Дар назди об корҳои нохуб ва суханони бад гуфта намешавад, об ранҷиданаш мумкин аст. Аз рӯи бовариҳо обро доимо тозаа нигоҳ доштан, занҳои ҳомиладор, беморони вазмин ва мурда шустагон ба чоҳ барои об гирифтан рафташон манъ аст, сабаб он аст, ки агар раванд шояд об вайрон шавад мегӯянд. Ба об ҷомашӯӣ кардан ва дар торики рафта нмешавад, дар он вақт об хоб меравад. Аз канори як ҳангоми ҷорӣ шуданаш, ба об санг парофта намешавад, чунки дар ҳамон вақт монанди занҳои таваллуд карда эҳсоскунанда буда, аз ин рӯ ба он санг партофта нороҳат кардан мумкин нест ***(*Валентина Рябова, шаҳри Каракол*,* вилояти Исиқ-Кӯл*)***.

Хонандагон, Шумоён аз модарбузург ва падарбузургатон вобаста ба об ҳар гуна суханҳоро шунидаед. Пас ба суханони дар зер овардаро пурра намуда, маъниҳои онро ҳаллу фасл намоед.

- Ба об партовҳоро напартоед, сабаб уволи об мегирад, мегӯянд.
- Ба гурба ё саг об напошед, вагарна озоқ мебарояд.
- Ба оби ҷорӣ шуда истода ҷӯробро нашӯед. Сабаб дар чӣ аст?
- Дар хотири об мемонад, дарккунанда ба ҳисоб меравад ва ба хотир гирифтаҳояшро баргардонида медиҳад мегӯянд.
- Ба об дуоҳоро хонда ба нафарони бемор диҳад зуд сиҳад мешавад.
- Дар хонаи об истода ҷангу ҷанҷол карда намешавад, об сухани хубро ҳам бадро ҳам ба худ қабул мекунад.
- Ба об ниятҳои бад карда, ирим-сримҳоро накардан лозим ба ҳамон одами кардаат ба худ бармегардад.
- Дар торики ба об марав, об зада нагир. Дар торики об гири се маротиба аз рӯи об гирифта партофта баъдан бинӯш.

**Саволҳо**

- Чӣ хел маросимҳои бо об ташкил карда шударо медонед? Шумо ба воситаи об ташкили ягон маросимро дидаед?
- Ҳангоми истифодаи об чӣ хел беҳурматиҳоро шунидаед.
- Дар ҳамин боб маросимҳои ногуфтаро медонед?

## Хусусияти шифобахшандагии об

Кара-Тоонун боорунан,
Жарып чыккан аккан суу.
Күмүш канат, жез куйрук,
Балык чыккан аккан суу.
Кара жердин астынан,
Жылып чыккан аккан суу.
Кара таштан жаркырап,
Түшүп жаткан аккан суу.
Жан-жаныбар шимирип,
Ичип жаткан аккан суу.
Ак кыянын боорунан,
Канаат алган аккан суу.
Карып, мискин, бечера,
Даарат алган аккан суу.
Ылай, чопо, киринен,
Арылдырган аккан суу.
Ай тийгенде шооладай,
Жарык чыккан аккан суу.
Түбү жумшак, үстү бек,
Саздан чыккан аккан суу.
Түлкү куурай, чытыры,
Мыя кылат аккан суу.
Тоого чыккан кемпир чач,
Дагы кылган аккан суу.
Жанузактай бир чөбүн,
Дары кылган аккан суу.

Аз ҷигари кӯҳи Кара-Тоо
Ҷӯш зада баромада оби равон.
Бо қаноти тиллой,бо думҳои мисӣ,
Моҳӣ баромад аз оби равон.
Аз зери замини сиёҳ,
Соф баромада оби равон.
Аз санги сиёҳ ҷило дода,
Ҷорӣ шуда оби равон.
Ташнашикани ҳайвонҳо
Равшани дода оби равон.
Нӯшидаанд оби равон.
Аз қуллаи сафеди кӯҳ,

Бол гирифта оби равон.
Пирру сайёҳу бечора,
Таҳорат карда оби равон.
Лою гилу ифлосиҳоро,
Шустааст оби равон.
Моҳ бирасад ҷило дода,

*Аккан суу, Жеңижок*

**Равишҳои табобат бо об**

Яке аз қадимтарин маводи табобатии инсон маълум, ин об мебошад. Хусусиятҳои табобатии обро ҳамаи халқҳо медонистанд ва аз умқи қарнҳо барои табобат аз он истифода мекарданд. Афроде, ки як зиндагии тӯлониро зиндагӣ кардаанд, касоне ҳастанд, ки аз манбаи тӯли умри об нӯшидаанд. Дар тибби халқии мардуми кӯчманчӣ ва инчунин мардуми Тибет ва Чину Ҳинд бемориҳо ба ду дастаи умда тақсим мешаванд – бемории сармо ва гармо. Дар табобати бемориҳои гармо обро истифода мекарданд. Дар ин боб мо дар бораи хусусиятҳои шифобахшии обҳо, чашмаҳои шифобахш ва рӯдҳо, ки бо хусусиятҳои шифобахшии худ машҳуранд, сухан мекунем.

**Оби чилла**

Ман ба шумо дар бораи «оби чилла» нақл мекунам. «Оби чилла» оберо мегӯянд, ки дар давоми чил рӯзи сардтарини зимистон (аз 25 декабр то 5 феврал) аз барфҳо об шудааст. Ҳоло чунин обро дар зарфҳои гуногун нигаҳ доштан мумкин аст. «Оби чилла»-ро ҳамеша қадр кардаанду нигаҳ доштаанд, инчунин ҳамчун даво барои бештари бемориҳо истифода бурдаанд. Масалан, агар ба инсон ҳавои гарм таъсир кунад, ки ин бештар дар чиллаи тобистон рух медиҳад, пас шустушӯ бо «оби чилла» ба инсон кӯмак мекунад. «Оби чилла» барои дарунравӣ ва сулфа доруи бебаҳо мебошад. Инчунин, барои аз байн бурдани ҳаргуна доғҳои дар рӯй пайдомешуда кӯмак мекунад. Бархе мегӯянд, ки хусусиятҳои «оби чилла» ҳатто аз оби дуохондаи мулло (оби қайтарма) ҳам пурқувваттар мебошад (**Макситова Гулсара, деҳаи Оқ–Булоқ**).

**Аждаҳор ба кӯҳ мебарояд**

Вақте тирамоҳ фаро мерасад мардуми деҳа мекӯшанд, ки ҳосилро зуд ғун доранд. Холаи раҳматиам ҳар замон мегуфт: "Ба ҳамачи сари фурсат расидан лозим аст, пеш аз он, ки аждаҳо тавассути рӯд (дарё) ба кӯл фарояд". Ман маънои ин ҳарфҳоро намефаҳмидам. Акнун баъди рафтани солҳои зиёд маънои ин ҳарфҳо бароям равшан шуд. Дар дунгонҳо аз аввали декабр тақвим ба нуҳ рӯзи «вули жюли» тақсим мешавад. Тахминан дар ин вақт болои рӯдҳо ба ях кардан шурӯъ мекунанд. Рӯд то умқ ях мекунад ва рӯз аз рӯз ях болотару болотар шудан мегирад. Об дар рӯд дар болои ях ҷорӣ мешавад ва ҳарчӣ бештару бештар яхпӯш шудан мегирад. Баъзан мешавад, ки об дар водии рӯд майдонҳои бузурги яхро сохта аз сатҳи рӯд берун мешавад. Дар охири январ дар замони «ву жю» панҷумин нуҳ «аждаҳо ба кӯҳ мебарояд». Ин тахминан санаи 20-уми январ мебошад. Агар аз рӯд об гирифта шавад, пас он дар тӯли сол вайрон намешавад. Ях дар рӯд об мешаваду об тадриҷан яхро бурида ба умқи рум ворид мешавад. Агар ба рӯд аз дур нигоҳ карда шавад, ҳақиқатан чунон намудор мешавад, ки гӯё аждаҳое яхро аз ду тарафи рӯд тарк карда оҳиста аз кӯҳ боло мешавад. Ҳаминтур аввали баҳор оғоз мешавад. Ин аждаҳо дар кӯҳҳо зиндагӣ мекунад ва бо гармии худ кулоҳҳои яхии кӯҳҳоро об мекунад. Ҳарфҳои хола боқӣ мондаанд, тавзеҳоти он тағйироти фаслии рӯдхона монанд аст (**Юсупов Равил, вилояти Исиқ-Кӯл, деҳаи Ирдиқ**).

**Оби борон**

Оби борон хусусиятҳои ба худ хос дорад. Ҳар қатраи борон то ба замин уфтодан 19 литр ҳаворо мешӯяд. Аз ҳамин сабаб, вақте борон сар мешавад об ифлос аст. Ҳамин, ки ҳаво тоза шавад, қатраҳои борон ҳам тоза ба замин мерасанд. Оби борон нарм аст, бо он растаниҳоро об додан хуб аст. Агар бо оби борон сар шуста шавад, мӯйи сар пурҷилову мисли шоҳӣ мешавад **(Умсуной Кумушова, вилояти Исиқ-Кӯл, шаҳри Қарокӯл).**

**Обҳои шифобахш ва чашмаҳо**

Ман сарвари қисми Оқ-Сӯйии беморхонаи муттаҳидаи вилоятии Исиқ-Кӯл ҳастам. Дар он аз соли 1981 кор мекунам. Оби Оқ-Сӯ қувваи бузурги шифоӣ дорад. Оби сӯзон (58-60 ҳарорат С) аз умқи 250-300 метр ихроҷ мешавад ва ҳамаи элементҳои даврии ҷадвали Менделеевро дар худ дорад. Мо ба табобати бемориҳои фалаҷи мағзи кӯдакон ва дигар бемориҳои марбут ба асаб тахассус дорем. Бачаҳо ба курсҳои табобатии даҳрӯза меоянд, ки дар он муддат 10-15 дақиқаӣ оббозӣ мекунанд. Агар табобат барвақт шурӯъ карда шавад, пас кӯдаконе, ки шакли сабуки фалаҷи мағзиро доранд сиҳат мешаванд. Кӯдаконе, ки шакли вазнини онро доранд, бемориашон ба шакли намоён кам мешавад.Чунин обҳои шифобахш дар вилояти Исиқ-Кӯл дар Ҷети-Ӯғуз, Тамға, Боз-Учуқе, Орғочор ва дигар ҷойҳо ҳаст, аммо оби аз ҳама пурқувваташ дар Оқ-Су мебошад **(Байиш Бейшенбаев, вилояти Исиқ-Кӯл, деҳаи Оқ-Су).**

Вақте ки дар панҷсолагиам бемор шудам будам, табибони халқӣ дар Олтин-Арашан дар болои тангнои Оқ-Су маро бо об табобат карда буданд. Дасту поям дард мекарданд. Онҷо об бо калид ба замин мезанад. Дар миёни чашма «Санги ноф» (киндик таш) буд, ки дар атрофи он тангаҳову ҷавоҳирот буданд. Ман се дафъа ба гирди санг давр задам ва баъдан оҳиста поямро ба оби сӯзони чашма монда гирифтам. Баъди як моҳи онҷо будан, дарди поям гум шуд ва ман озод роҳ рафтан гирифтам **(Шаршекан Каримшакова, Исиқ-Кӯл, деҳаи Кереғе-Тош).**

Берун аз Ак-Суу (Оби Сафед) оби муқаддас Бакалу-Кол (кӯли қурбоққа) мавҷуд аст. Онҳое, ки ба берун кӯч мебананд, ҳамеша ин ҷойро зиёрат мекунанд. Дар сарҳад бо Қазоқистон чашмаи Шордуу-Суу (оби шӯр) ҳаст. Агар як ба зарф оби чашмаро ҷӯшонем, ду сатил намак мемонад. Ин об барои ҳаргуна бемориҳои пӯст даво ҳаст **(Чолпон Казакова, Иссиқ-Кул, деҳаи Кереге-Таш).**

Дар деҳаи Чоң-Өрүктү чашмаҳои сӯзон ҳаст. Об бемориҳои пӯст ва аллергияро нағз табобат мекунад. Ҳар сол ба назди чашма меравем ва Қуръон мехонем. Агар обро аз чашмаҳо нӯшӣ, пас аз ҳамаи бадбахтиҳои худ раҳо хоҳӣ шуд. Замини он ҷо он қадар файзбор аст, ки инсон то чашмаҳоро пайдо карданаш эҳсоси хастагӣ намекунад. (***Ажар Шергазиева,*** **Исиқ-Кӯл*,*** ***деҳаи*** **Төрт-Күл**)

Дар наздикиҳои деҳаи Төрт-Күл-и ноҳияи Тон дар дара, чашмаи **Кулгуна** ҳаст. Оби чашма тозаву шаффоф аст. Ҳамдеҳагони мо обро аз чашма меоранд ва онро барои табобати экзем ва аллергия истифода мекунанд. Бештарашон мегӯянд, ки аз оби чашма шифо ёфтаанд. Одамоне, ки ба онҷо кӯч мекунанд ҳамеша аз оби чашма менӯшанд **(Гулбара Қадиралиева, вилояти Исиқ-Кӯл, деҳаи Төрт-Күл).**

Дар деҳаи Кичи-Жаргылчак чаҳор чашмаи калон ҳаст, ки ҳар кадомаш тамъи дигар дорад. Вақте аз чашмаи аввал менӯшӣ, мехоҳӣ боз ҳарчӣ бештар бинӯшӣ. Дувумӣ ташнагишикан аст. Севум, ором мекунад. Чаҳорумаш тоза мекунанд. Ана ин аст файли об (**Валентина Осмоналиева, вилояти Исиқ-Кӯл, шаҳри Қарокӯл**).

Дар доманакӯҳи Абшыр-Атаи чарогоҳи Кыргыя чашмае аз забони мардум гирифташуда **Дары-Булак** ҳаст. Ба он ҷой ҳатто бо асп рафта наметавонед, душман

равад беҳтар аст, сабаб, чашма дар зери кӯҳсанг аст. Ин чашма ба ҳар гуна бемориҳо шифо мебошад. Ба бемориҳои бадани инсон хеле шифобахш аст. Мо бисёртар ба кӯҳ бароем аз ин чашма менӯшем (**Мурзабек кызы Канайым, вилояти Ош, деҳаи Кулатов).**

Дар наздикиҳои ноҳияи Көтөрмө Кадамҷой чашмаи **Келте сөөт** ҳаст. Оби чашма барои ҷоғар ва бемориҳои рӯдаву меъда хусусиятҳои табобатӣ дорад. Таркиби ин обро хосатан санҷидаву хусусиятҳои табобатии онро тасдиқ кардаанд. Оби чашмаро барои табобати одамон ба ҳар ҷо мебаранд. Онро субҳгоҳон ва шомгоҳон нӯшидан лозим аст (**Авазов Кожомат, вилояти Боткен, деҳаи Қизил-Булоқ, 18 сол**).

Дар макони Дараи ноҳияи Боткен, дар рӯди Кожошкен чашмаи сӯзони **Жоопая** ҳаст. Чашмаи 400 ҳарорат дар соҳили рӯд аз санг мебарояд. Дар санг холигоҳе ҳаст, ки ду одам меғунҷад. Дар вақти фаровонии об санг ва чашма дар зери оби рӯд мемонанд. Дар таркиби об сулфиди ҳидроген ҳаст. Об барои бемориҳои рагу пай ва органҳои дохилии пӯст хеле фоиданок аст (**Гаипова Назарат, вилояти Боткен, шаҳри Боткен**).

Дар деҳаи мо - Қирғиз киштак - санаторияи Умай эна ҳаст. Дар инҷо мазори Худой Назар Падар замини муқаддас ҳаст. Чунон ки аз исмаш маълум аст, замини мо – макони назаркарди Худост. Оби чашмаи инҷо бештари бемориҳоро дармон мекунад. Аз ҳамаи гӯшаҳои кишвар ба санатория барои табобат меоянд (**Жумаев Азим, вилояти Боткен, деҳаи Қирғиз киштак**).

Дар бари деҳаи Ӯрукзари ноҳияи Қадамҷой чашмаи Сасиқ-Су ҳаст. Аз сабаби мавҷуд будани сулфиди ҳидроген дар таркиби оби чашма, бӯйи махсуси он ба чашма нарасида алакай ба машом мерасад. Оби чашма барои дармони бемориҳои пӯст ва инчунин барои коркарди ангур истифода мешавад (**Бердиев Асан, шаҳри Қизил-Кия, Боткен облусу**).

Дар дуртарин деҳаи ноҳияи Боткен - деҳаи Зардалы чашмаҳои сӯзони Шудуман ҳаст. Оби чашма хеле сӯзон аст, аз ин ҷиҳат наметавон дар он зиёд истод. Аз бӯйи об хулоса кардан мумкин аст, ки дар таркиби оби чашма сулфиди ҳидроген мавҷуд аст. Оби чашмаҳоро нӯшидан мумкин аст ва оббозӣ кардан ҳам мумкин буда, он барои бемориҳои меъда, рагу пай ва пӯст шифодеҳ мебошад. Ҳамчунин дар миёни сангҳо бухор мебарояд, ки дар атрофи он бо сангҳо ҳуҷраи буғӣ гузошта шудааст. Дар ҳуҷраи буғӣ барои табобати бемориҳои рагу пай, пӯст ва вазни зиёдатӣ бо ёрии бухорҳои табиӣ шароит фароҳам шудаст. Ҳамчунин дар наздикӣ калидҳои Қизил-Булоқ ва Қотур-Булоқ воқеъ аст. Дар таркиби оби чашмаи Қизил-Булоқ оҳани бисёр мавҷуд аст, ки қаъри рӯд ҳам аз ин сабаб сурхранг мебошад. Оби он барои меъда фоидабахш аст, оби Қотур-Булоқ бошад барои бемориҳои пӯст (**Айдарова Муслимкан, вилояти Боткен, шаҳри Боткен**).

Дар 10 км ба ҷануб аз деҳаи Шодӣ чашмаи Гөзөл-Ата ҳаст, ки оби он ба бемориҳои чашм давост. Калимаи «гөзөл», ба қавли сокинони маҳаллӣ, маънои «зебо»-ро дорад. Ё ки ин номи шояд аз «көздөн ооруну ал» баромадааст, ки маънои «аз дардҳои чашм раҳо кун»-ро дорад (**Камбар кизи Наркан, ноҳияи Қадамҷой**).

Оби **Түтөк суу** дар наздики деҳаи Ак-Тилек-и ноҳияи Қадамҷой ҷойгир шудааст. Ба қавли ҳоҷиҳо тамъи оби Түтөк суу бешак мисли оби чашмаи Зам-Зам мебошад, аз ин

ҷиҳат сокинони маҳаллӣ гоҳе оби ин чашмаиро оби Зам-Зам мегӯянд. Об хусусиятҳои табобати дорад, хоса барои табобати бемориҳои асаб давои хуб аст (**Асанова Каникей, вилояти Боткен, шаҳри Қизил-Кия**).

Одамоне, ки аз оби рӯдхонаи Шоро Сай менӯшанд, бо дарозумрии худ машҳуранд. Эҳтимолан, оби Шоро Сай кадом як хусусияти фоидабахш дорад. Оби рӯдхонаи Лайлӣ су, ки аз деҳаи мо шурӯъ мешавад, ҳамчунин хусусиятҳои шифоӣ дорад, чунки замонҳои пеш ҳамдеҳагони мо бо дарозумрӣ машҳур будаанд (**Толукбаева Жумагул, вилояти Боткен, деҳаи Лайлӣ**).

Чашмаи Такыр-Булак дар канори макони муқаддаси Ак-Тайлак дар Караташ ҷойгир шудааст. Об барои бисёр бемориҳо давои хуб аст, он ҷо барои дидан кардану нӯшидани об шароит муҳайё карда шудааст **( Пирматова Алтынай, вилояти Боткен, деҳаи Эски оочу).**

Чашмае, ки обаш барои сулфа давои хуб аст, дар макони **Жака Тыт** дар деҳаи Андарҳам ҷойгир шудааст. Дар макони Дархумд чашмаи **Кырк Казан** ҳаст, ки ба бемориҳои пӯст кӯмак мекунад **(Хасанова Хамробу, вилояти Боткен, деҳаи Кайрагач)**

Чашмае дар макони Алтинбешик ҳаст. Оби чашма дар зери замин тавассути қисми оҳан мегузарад, аз ин ҷиҳат ранги зард ва тамъи оҳанро дорад. Оби чашма  фишори хунро барқарор мекунад, лойи гирди чашма бошад барои бемориҳои пӯст даво мебошад (**Усманов Талант, вилояти Боткен, деҳаи Эски оочу**)

Чашмаҳои Ҳазрати Довуд дар деҳаи Қатрон ба бемориҳои пӯстӣ кӯмак мекунад, чун дар таркиби об қатрон ҳаст **(Холматов Райимжан, вилояти Боткен, деҳаи Эски оочу).**

Дар деҳаи Андараки ноҳияи Лайлак оби **Қулқунек** ҳаст, ки барои гӯш фоидабахш мебошад. Оби Қулқунек дар тарафи болои деҳаи Андарақ, дар байни роҳи ба кӯҳ раванда, аз зери сангҳои шах  ҷорӣ шуда, бо оби кӯҳ ҳамроҳ шуда меравад.Оби Кулкунек сард ва шаффоф мебошад, одамони аз роҳ мегузашта одатан истода аз ин об дастурӯ мешӯянд, Қуръон мехонанд ва барои худ саломатӣ мехоҳанд (**Хидирова Чолпонай, шаҳр, Сүлүктү, вилояти Боткен**).

Чунон ки бароям маълум аст, оби рӯди мо - Козу-Баглан, дар чиллаи зимистон гирифташуда, хеле ба саломатӣ фоидабахш аст. Умуман, оби рӯди мо ба сангҳо зада "меҷӯшад", аз ин ҷиҳат тамъи махсус дорад. (**Ахмедов Абдумажит, вилояти Боткен, деҳаи Эски оочу**)

Саволҳо

- Оё дар минтақаи шумо обҳои шифобахш ҳаст?
- Ба чӣ сабаб бархе обҳову чашмаҳо шифобахш мешаванд?

## Усулҳои об баровардан ва эҳтиёткорона истифода кардани об

А, жаныбар, аккан суу,
Жок дегенде бир күнгө,
Келбей койсоң таарынып,
Кесирленип жүргөндөр,
Чуркайт эле ак уруп!
Барктабастан жүргөндөр,
Айчылык жерде болсоң да,
Бир ууртап сени алганга,
Жетет эле жалынып.
Колунда болгон дүйнөсүн,
Берет эле жабылып!..
Бирок сен андай эмессиң,
Чалкып жаткан кененсиң.
Керектеген жандуунун,
Кызматына беленсиң.
Байыртадан бер жакка,
Керектелип келгенсиң,
Бали, ыракмат, аккан суу!
Толкуп, ташып ага бер.
Тегеренип Жер жүзүн,
Турмуш отун жага бер!..
Мөңгү болуп ашууда,
Үнөмдөлгөн аккан суу.
Жети күн, бир түн айтсам да,
Түгөнбөгөн аккан суу.
Аккан, аккан, аккан суу,
Аманат жанга жаккан суу!..
Жаамы күнөө кылганды,
Билип жаткан аккан суу.
*Жеңижок, Аккан Суу*

Эй оби зиндаи равон,
Агар рӯзе ту
Аз ҷорӣ шудан боз истӣ
Онҳое, ки қадратро намедонанд.
Туро чу девонагон меҷустанд.
Онҳое, ки ба ту беэҳтиромӣ мекарданд,
Омодаанд, ки тамоми дороии худро бароu ту бидиҳанд
Ҳатто, агар ту моҳе аз онҳо дур бошӣ,
Бо дуо сӯйи ту кашида мешаванд.
Аммо ту чунин нестӣ
Саховатман ҳастӣ оби равон!,
Барои ҳамаи онҳое ки ба ту ниёз доранд
Ҳамеша омодаӣ хидмат ҳастӣ!
Раҳмат, браво, оби равон!
Ҳамеша пур бош, оби равон!
Ба тамомии олам
Ҷорӣ шаву ҳаёт бахш оби равон!
Ҳатто, агар туро ҳафт рӯз ситоиш кунам
Ҳамаашро гуфта наметавонам
Эй оби беинтиҳо!
Обе, ки ба ҳама писанд аст,
Обе, ки медонад,
Ҳамаи аъмолу гуноҳи моро…

Новобаста аз он, ки мамлакати мо аз захираҳои обӣ бой аст, дар бархе навоҳӣ камбудии об ҳис карда мешавад. Сокинони маҳаллӣ роҳҳои нигаҳдорӣ ва истифодаи самараноки обро пайдо мекунанд, масалан, кандани ҷоҳҳои об, сохтани саддҳо, обёрии қатрагии растаниҳо. Биёед, ин таҷрибаҳоро муфассал дар ин боб месанҷем.

### Асрори чоҳканӣ

Дар қадим обчоҳҳоро муқаддас мешумориданд, хусусиятҳои шифоии онро навишта, барои давои хеле аз дардҳо истифода мекарданд. Халқ ба обчоҳҳо боэҳтиром муносибат мекарданд. Падари ман аз Куба аст, нақл мекард, ки одатан ба обчоҳҳо қасам мехӯрданд, ба обҳо ном мегузоштанд ва ба онҳо сурудҳову афсонаҳоро

мегуфтанд. Дар замони мо ҳам, оби чоҳ эътибораш кам нест.Оби чоҳ – армуғони табиат. Табиат онро дар қабатҳои гуногуни замин бо филтрҳои ба худ хос тоза кардааст. Об аз қабатҳои хокии замин гузашта аз ҳаргуна нацосатҳои зарарнок тоза шуда, аз намакҳои минералӣ ва дигар маводҳои ба организм зарурӣ бой мешавад. Мутаассифона, ҳар гуна оби чоҳҳо ба организм фоидабахш нест, ки баъзан хатарнок ҳам ҳаст. Ҳамаи хубиҳои тараққиёт, мутаассифона, ба сифати обҳои зеризаминӣ нақши манфиро бозиданд. Бо бад шудани экология ва ифлосшавии обҳои корез, ҳар чизе, ки дар рӯйи замин шуста мешавад, ба обчоҳҳо ҳамроҳ шуданаш мумкин аст. Масалан, дар аввали баҳор, вақте ки сатҳи обҳои зерзаминӣ боло мешавад, об метавонад зарари зиёдеро ба саломатии инсон бирасонад **(Петр Тарасов, шахри Қароқул)** .

Дар навоҳие, ки дастрасӣ ба об мушкил дорад, сокинони маҳаллӣ ҷоҳҳо мекананду аз обҳои зеризаминӣ истифода мекунанд. Масалан, дар деҳаи Төө-Моюн умқи обҳои зеризаминӣ ба ҳисоби миёна 22-23 метро ташкил медиҳад, оби нӯшокӣ бошад аз умқи 26 метр дастрас аст. Ҳоло чоҳҳоро бо нархи 1200 ба метраш мекананд. Баъди расидан ба уфуқи обҳои зеризаминӣ, чоҳро боз ба умқи 2-4 метр мекананд, чунки дар моҳи марту апрел сатҳи обҳои зеризаминӣ поён меравад. Обро бо насос боло мекашанд. Дар куҷо кандани чоҳро донистан муҳим аст. Барои муайян кардани ҷой мо ду сими алюминиро мегирем, ки тарафҳояш ба замин мерасад ва меҷӯем то замоне, ки симҳо ҷунбиданро сар мекунанд, пас дар онҷо чоҳ кандан мумкин аст.

Ба мақсади бехатарӣ чоҳ бо девори сементӣ пӯшида мешавад ва сарпӯш гузошта мешавад. Ҳар қадар ки чоҳ амиқтар бошад ҳамонқадар обаш тоза аст. Ба ҳисоби миёна дар деҳаи Төө-Моюн нархи кандани чоҳ ба 40 ҳазор сом мерасад (**Абдикаримов Давранбек, вилояти Ош, деҳаи Ленин).**

**Асбобҳо барои чоҳканӣ**

Чоҳро бо ёрии бел, лӯм мекобанд. Ба мақсади бехатарӣ сарпӯш ва либоси махсуси корӣ мепӯшанд. Обчоҳҳороба шакли гирда мекобанд ва дар ҳар ним метр мисли остона ҷой мегузоранд, то бо он фаромада шавад. Вақте обчоҳҳо амиқ (чуқур) мешаванд, барои хокро баровардан сатилу ресмонро истифода мекунанд. Агар замин мулоим бошад, пас 2-3 нафар метавонанд чоҳро дар як ҳафта канда тамом кунанд. Обчоҳҳоро дар тирамоҳ, зимистон ё аввали баҳор мекобанд, вале сатҳи об вобаста ба фаслҳо фарқ мекунад.Одатан дар аввали баҳор об камтар аст, барои он ки дар чоҳ ҳамеша об бошад, бояд 1-2 метр аз сатҳи об бештар канда шавад. Оби чоҳҳо аз оби рӯдҳо фарқ доранд. Оби чоҳҳо аз қабати хокии замин гузашта тамъи намакиро ба худ мегирад. Дар зимистон оби чоҳҳо гарм, дар тобистон бошад сард аст. Сокинони маҳаллӣ обро ба муҳаррики барқӣ боло мекашанд ва барои обёрии заминҳову боғҳо ва барои нӯшидан истифода мекунанд. Обро дастӣ боло кашидан душвор аст, аммо ҳастанд касоне, ки чунин мекунанд. Азбаски ҳамаи муҳаррикҳо барқианд обкашии бисёр тавассути он гаран аст **(Максиров Замирбек, вилояти Боткен, деҳаи Қирғиз-Киштак).**

**Абиз, авиз, ҳавз**

Авиз – ин талаффузи қирғизии калимаи порсии “ҳавз” мебошад. Ҳавз – ин ин ҷойи обҷамъкунии умқаш 1-1,5 метр ва диаметраш 5-8 метр мебошад. Баъди сохтани ҳавз онро бо мақсади санҷидану шикофҳояшро маҳкам кардан, аз об пур мекунанд. Агар шикофҳояш маҳкам нашавад, пас об ба зери замин меравад. Агар шикофҳо пӯшида

нашаванд, пас оби ҳавз ба зери замин меравад. Бештари вақт ба ҳавз гандум меандозанд, гирдаш бошад бед мешинонанд, ҳамаи ин барои дар ҳавз нигаҳ доштани об, иҷро карда мешавад. Решаҳои гандум ва дарахтон хокро мустаҳкам мекунанд, аммо сояи дарахтон бошад бухоршавии обро кам мекунад. Баъди пур кардани ҳавз оби он гилолуд мебошад, аммо пас муддате такшин шуда оби ҳавз тоза мешавад. Агар ҳаво онқадар гарм набошад, об дар ҳавз то 10рӯз вайрон намешавад, аммо дар рӯзҳои гарм ҳар ҳафта оби ҳавзро иваз кардан лозим аст. Сокинони деҳаи Көк-Талаа аз замонҳои пеш оби рӯди Исфайрамро, ки тавассути канал меомад, менӯшиданд. Пас аз аломатгузориҳо бо марзи Ӯзбакистон тавассути канали Қирғизистон ба мо об намеояд, аз ин ҷиҳат масъалаи об дар мо сахт аст. Дар деҳа се ҳавзи қадимӣ ҳаст, ки яке аз онҳоро падарарӯси ман Куйчиев Сулайман сохтааст.

Ҳоло шумораи ҳавзҳо дар деҳа ба 7-8 расидааст.Вақте ки ман ҷавонзан шуда ба хона омадам, нафъи ҳавзҳоро дарк кардам. Вақте ки дар ҷӯйҳо об набошад, пас метавон ҳавзҳоро пур карду барои эҳтиёҷоти ҳаррӯза истифода кард. Дувум ин ки ҳавз ба хонаи мо наздик аст. Севум ин ки тозагии оби ҳавз бароям хеле писанд аст. Дар ҷӯйҳо об гилолуд аст, аммо дар ҳавз тозаву шаффоф мебошад. Бо ин ҳол, агар оби ҳавз иваз карда нашавад обаш вайрон мешавад (**Мадумарова Малохат, вилояти Боткен, деҳаи Көк-Талаа).**

Дар деҳаи Қирғиз-Киштак 6000 одам зиндагӣ мекунад. Мо растаниҳои камобро мешинонем, чунки на ҳамеша об ҳаст. Дар канори деҳаи мо аз рӯди Сухи Ӯзбакистон канале мегузарад. Аз ин канал ба мо низ об ҷудо мешавад. Баҳорону тобистон 3-4 рӯз пайдо мешаваду баъдан ҳафтаҳо об гум шуданаш мумкин аст. Аз ин сабаб деҳотиҳо чоҳҳо мекананд, аз ин ҷиҳат дар ҳар маҳалла ҳавзҳо ҳастанд, ки мо бо об пур мекунем. Ҳавзҳои мо одатан чаҳоркунҷа 7-8 метр ба дарозӣ ва амиқии 4-5 метрро доранд. Дар гирди ҳавзҳо мо бедҳо шинондаем, об то 2-3 ҳафта қобили истифода ҳаст. Барои ҳавзро пур кардану оби онро иваз кардан бояд 1-2 рӯз оби ҷӯй ба ҳавз резад. Об аз як тараф бояд дохил шаваду аз дигар тараф хориҷ. Дар чунин ҳолат оби ҳавз тоза хоҳад шуд **(Султанов Жамбыл, вилояти Боткен, деҳаи Қирғиз-Киштак).**

**Ҳавзи болокушода**

Дар деҳаи Жабагы, ки дар канори сарҳад бо Қирғизистон ҷойгир аст, дар 5-6 соли ахир масъалаи об хеле сахт аст. Барои худ ман ҳавзи болокушода сохтам, ки аз ҳавзҳои суннатӣ фарқ дорад. Ин ҳавз хонаводаамонро бо оби фаровон таъмин мекунад. Ман чуқурии амиқиаш 2 метра ва барҳои 4 метра кандам. Ҳамагӣ 1 тонна семент, 1 мошин сангреза ва 100 метр арматур сарф кардам. Зер ва деворҳои ҳавз, бархилофи ҳавзҳои дигар семенпӯш шудаанд ва дар боли ҳавз монолит рехта шуд, ки болопӯши ҳавз шуд. Дар болопӯши ҳавз даричае барои даромадану тоза кардани оби ҳавз гузошта шудам.Барои холӣ кардану пур кардан дар ҳавз ҷой гузошта шудааст. Оби ҳавзро бояд мунтазам иваз кард. Дар ҳавзи ман 15 тонна об меғунҷад, ки гилоби он зуд такшин мешавад. Об дар ҳавз тоза меистад ва таъми оби чашмаро дорад. Болопӯш кӯмак мекунад, ки тобистон оби ҳавз сард биистанд ва аз бухоршавӣ низ нигаҳ медорад. Дар дигар ҳавзҳои деҳаамон об пас аз 5-6 рӯз вайрон мешавад, дар ҳавзи ман бошад то 3-4 моҳ истода метавонад (**Усманов Назир, ноҳияи Фарғона, деҳаи Жабагы).**

**Об дар кӯзаи қурбоққадор дер вайрон мешавад**

Аз қадимулайём роҳҳои гуногуни тоза нигаҳ доштани об истифода мешуданд. То ҷое, ки ба ман маълум аст, барои он ки об дар зарфҳои гилӣ бештар биистад, дар онҳо бо

косаҳои иловагӣ қурбоққа мегузоштанд. Ин роҳ гӯё барои тозаву сард нигаҳ доштани об дар рӯзҳои гарм кӯмак мекунад **(Куйчиев Асат, вилояти Боткен, шаҳри Қизил-Кия).**

**Тоза кардани об бо шири туруш**

Волидони ман баъзан дар зимистон барфро ҷамъ мекарданду дар гармии оташдон об мекарданд, баъдан онро бо дока меполиданду барои нӯшидан истифода мекарданд. Тобистон каме осонтар буд, дар деҳаи бисёр сойчаҳо ҷорӣ буданд. Оби онҳо бештар гилолуд буд. Мо барои нӯшидан шомгоҳон об мегирифтему бо дока меполидем то саҳар меистод. Саҳар дар умқи сатил лойи ғафс мондааст. Вақте мо бо волидонамон ба саҳро коркунӣ мерафтем, махсус барои нӯшидан шири туршшударо ҳамроҳи худ мегирифтем. Мо шири туршшударо наменӯшидем, балки барои тоза кардани об истифода мекардем. Он ҷо дар сой мо об мегирфтем, ки обаш хира аст. Мо ба он об шири туршро ҳамроҳ мекардему чанд дақиқа мегузоштем. Гилҳои об зуд бо тӯдаҳои шир ба зери сатил такшин мешуданд ва дар болои сатил оби тоза боқӣ мемонд. Вақте ки мо дур аз деҳа дар саҳро кор мекардем, бо ин об ташнагии худро мешикастем. Мо ҳаминтарз дар кӯдакиамон обро тоза мекардем (**Мафкуева Фатима, вилояти Исиқ-Кӯл, деҳаи Ирдиқ**).

**Обёрии қатрагӣ**

Дар маконҳое, ки мушкилии дастрасӣ ба об ҳаст, сокинони маҳаллӣ аз обёрии қатрагӣ истифода карданро сар карданд. Барои ин кор қубурро (труба) дар чанд ҷояш сӯрох мекарданд. Вақте ки об бо ин қубур мегузарад, пас об ба растаниҳо пош мехӯрад. Барои 0.10 га. замин 100 метр қубур лозим мешавад. Вақти аз обёрии қатрагӣ истифода карда шавад, растаниҳои лозимӣ ба қадри кофӣ об мегиранду растаниҳо нолозиму худрӯй бошад камтар мерӯяду заминро вайрон намекунад. Агар қубури обгузар набошад, аз қуттиҳо пластикии обгирӣ низ истифода кардан мумкин аст. Мо қуттиҳо пластикии 1 ё 2-литраро гирифта, чанд ҷои поёнашро сӯрох мекунем ва онро ба ниҳолҳо мебандем. Қуттиҳои 3 ё 5-литраро дар бари ниҳолҳо гузорем ҳам мешавад. Об тавассути сӯрохиҳо рехта, хушкшавиро пешгирӣ мекунад **(Эгембердиев Кеңешбек, вилояти Боткен, деҳаи Көк-Талаа).**

**Яхчол ё яхоб** (Тоңдурма)

**Обёрии зимистонаи** дарахтони мевадиҳандаро яхчол (**тоңдурма**)ё **оби яхоб** мегӯянд. Обёрии зимистона дар чиллаи зимистон, яъне чил рӯзи сардтарини зимистон гузаронида мешавад. Баъзан, аз сабаби зуд баланд шудани гармии ҳаво дар аввали баҳор дарахтони мевадиҳанда пеш аз муҳлат гул мекунанд ва хатари сармо задани онҳо бисёр мешавад. Фоидаи обёрии зимистона дар он аст, ки замин дер гарм мешавад ва бо ҳамин дарахтон ҳам дертар гул мекунанд, ки аллакай яхкуниҳои баҳорона гузаштааст. Илова бар ин, обёрии зимистона барои аз байн бурдани паразитҳое, ки дар хок зимистонгузаронӣ мекунанд, кӯмак мекунад **(Мадумарова Букатыча, вилояти Боткен, деҳаи Көк-Талаа).**

**Об барои бештар нигаҳ доштани себ кӯмак мекунад**

Ман таҷрибаи худро, ки читавр себро то баҳор нигаҳ доштан мумкин аст, нақл мекунам. Нахуст, ман ҷойи торику салқинро дар рафаҳо (рус. полки), ки дар он себҳо нигаҳ дошта мешавад. Тавассути ин макон ҷӯйе мегузарад. Баҳорон, вақте ки оби

таркиби себҳо бухор шудан сар мекунад, ман ба ин ҷӯй об сар медиҳам, ки нами зиёдро дар ҳуҷра таъмин мекунад. Инчунин чархҳои шамолдиҳӣ (вентилятор) гузоштам, то ҳамешаи ҳавои ҳуҷра тоза истад. Ҳамин тариқ, оби равони ҷӯй дар рӯзҳои гарми баҳор нақши яхдонро мебозад **(Камалов Абдыкадыр, вилояти Ош, деҳаи Кулатов).**

**Нақши об барои ба даст овардани абрешими босифат**

Беш аз 30 сол аст, ки кирми абрешим мепарварем. Ин хеле кори ғайримуқаррарист. Барои нигаҳдории кирмакҳо рафҳои махсус дар баландии як метр аз сатҳи замин сохта мешавад. Дар ҳуҷра бояд оташдон бошад, то гармии баланди ҳаворо нигаҳ дорад. Дар рафҳо коғазҳо ва дар болои коғазҳо баргҳои дарахти тут гузошта мешаванд. Кирмак аз 0,5 см то 7-10 см бузург мешавад, дар вақти инкишоф вай се дафъа хоб меравад. Агар дарахти тут дар назди об бузург шуда бошад, пас кирмакҳо баргҳоро зудтар мехӯранд ва бештар абрешим истеҳсол мекунанд. Қабл аз хоби аввали кирмакҳо мо барои онҳо баргҳоро хурд-хурд реза мекунем. Баъди хоби дувум, баргҳои калонро медиҳем, баъди хоби севум бошад, шохаҳои тутро бо баргҳояш медиҳем. Кирмакҳои сер калон ва пурҷило шудан мегиранд. Агар кирмакҳоро аз ҳад зиёд сер кунем, онҳо метавонанд ба замин биафтанду бимиранд. Агар хурокашон кам дода шавад, пас абрешим ҳам намешавад, аз ин ҷиҳат меъёрро донистан зарур аст.

Вақте кирмакҳо сохтани ғузаро шурӯъ мекунанд, замини зери рафҳо бояд ҳамеша намнок бошад ё ягон қолини таршуда гузошта шуда бошад. Агар намнокии ҳуҷра хуб бошад, пас абрешим басифату вазнин мешавад **(Мадумарова Мутабар, ноҳияи Фарғона, деҳаи Жабагы).**

**Биринҷ – растании обдӯстдор**

Деҳаҳои Ак-Турпак, Қирғиз-Киштак ва Ак-Калпаки вилояти Боткен, асосан ба биринҷкорӣ машғул ҳастанд, ки барои парвариши он оби бисёр лозим аст. Сараввал, майдончаҳои махсус барои биринҷро, яъне палҳоро мисли хоначаҳои шоҳмот омода мекунанд. Палҳо об зада мешаванд, ки хок обро ба худ гирад. Баъдан, биринҷ, тахминан дар охири апрел - аввали май, кошта мешавад. Сипас, палҳоро пойкуб мекунанду баъди он аз об пур мекунанд. Пас аз ин дар палҳо бояд ҳамеша об мавҷуд бошад. Қариб 1500 намуди биринҷ мавҷуд ҳаст. Биринҷи Боткенро 90-120 рӯз лозим аст, ки бипазад. Мо се маротиба ба хок нуриҳо (пору) илова мекунем:

1. Барои тезтар рушд кардан, вақте ки биринҷ баробари ангушт мешавад

2. Барои аз алафҳои бегона халос шудан

3. Барои пуррашавии донаи биринҷ

Баъди пухта расидани биринҷ онро бо дос медараванд, кирмҳояш ҷудо мекунанд ва калони хубашро аз хурдаш ҷудо мекунанд **(Мансуров Замирбек, вилояти Боткен, деҳаи Бешкент**).

**Биоҳавзҳо барои тоза кардани обҳои корез**

Обҳои корези шаҳрҳои хурд ва шаҳракҳои Қирғизистонро бо ёрии биоҳавзҳо тоза кардан мумкин аст.Тоза кардани обҳои корез бо усули биологӣ ба равандҳои ҳаётии микроорганизмҳои ҳетеротрофикӣ асос мeёбад, ки онҳо дар обҳои корез мавҷуданд ё

вақти муҳайё сохтани шароити лозима пайдо мешаванд. Ин микроорганизмҳо пайвандҳои гуногуни органикӣ (ва баъзе ғайриорганикӣ)-ро ҳамчун сарчашмаи чун сарчашмаи ғизогирӣ истифода мекунанд, ки ҳаминтарз обро тоза карда барои истифодаи дубора имконпазир мекунанд. Ин микроорганизмҳо зуд бисёр мешаванду калония ва гурӯҳҳоро ташкил медиҳанд, ки нисбатан осон аз оби тозашуда фарқ кардан мумкин аст. Барои Қирғизистон биоҳавзҳо роҳи камхарҷи обтозакунӣ мебошад, ки истифодаи қувваҳои зиёдатӣ ва реаксияҳои химиявиро талаб намекунад. Дар шароити Қирғизистон тарҳи сезинаии биоҳавзҳо қулай мебошад: якум, ҳавзи анаэробӣ (барои микроорганизмҳое, ки оксигенро талаб намекунанд), дувум, ҳавзи аэробӣ (барои микроорганизмҳое, ки оксигенро талаб мекунанд) ва севум, ҳавзи захиравӣ (барои равандҳои ҳалшавӣ-таҳшиншавӣ) Оби тозашударо барои обдиҳии боғҳову саҳроҳо истифода бурдан мумкин аст. Истифодаи биоҳавзҳо ифлосшавии обҳои зеризаминиро пешгирӣ мекунад ва барои истифодаи самароноки захираҳои обӣ шароит фароҳам мекунад (**Куйчиев Асат, вилояти Боткен, шаҳри Қизил-Кия**).

**Рӯди хатарнок**

Рӯди Козубағланро боз рӯди «хунхӯр» ҳам мегӯянд. Вақте ки об меояд, рӯд муддатҳо “ташна”-и хун мешавад. Он вақт мо шоҳиди он мешавем, ки ё одамҳо ё ҳайвонот ба рӯд ғарқ мешаванд. Дар он замон эҳтиёт шудан лозим аст. Баъзан, барои рафъи чунин офатҳо, одамон ҷамъ мешаванду қурбонӣ мекунанд (**Шакирова Айгул, вилояти Боткен, деҳаи Эски-Оочу**).

**Обро хор кунӣ, хор мешавӣ**

Рӯди мо Қозубағлан аз дуриҳо ҷорӣ мешавад ва тавассути чунин деҳаҳо Қатран, Коргон, Андарҳам, Бешкент ва Кайрагач мегузарад. Мутаассифона, бархе инсонҳои беандеша саройҳои худро ва ҳатто ҳоҷатхонаҳои худро дар наздики рӯд сохтаанд Дар рӯд ҷомашӯӣ мекунанд, мошин мешӯянд, чаҳорпоёнро бошад дар назди рӯд мечаранонанд. Дар чунин ҳолат, читур тозагии рӯдро нигаҳ дошта мешавад? Ҳаргуна бемориҳо пайдо мешаванд. Оби рӯдро ифлос кардан ин мисли ба осмон туф кардан аст, ҳамаи коре ки мекунем боз ба худамон бармегардад (**Холматов Райимжан, вилояти Боткен, деҳаи Кайрагач**).

Дар халқ зарбулмасалае ҳаст, ки агар об тавассути ҳафт санг гузарад тоза мешавад, аммо ҳоло тавассути садҳо санг гузарад ҳам тоза намешавад. Ман аз он сабаб чунин мегӯям, ки дар ин об натанҳо ҳиссаҳои хурд-хурд, балки маводҳои ҳалшудаи химиявӣ низ ҳастанд. Вақте оби рӯд тавассуди деҳаҳо мегузарад ба он боқимондаҳои оби боғҳо (огород) мерезад. Сокинони деҳаҳо вақти обдиҳӣ ба боғҳову зироатҳо пору ва нӯриҳои минералӣ, бо алашкашҳо (гербицид) коркард мекунанд, аз химикатҳои гуногун истифода мекунанд, ин маводҳо бошанд дар об ҳал мешаванд. Баъди обдиҳӣ боқимондаи об баргашта ба рӯд мерезад. Ман кайҳо пай бурда будам, ки баъди зироятҳоямро бо чунин об, об додан растаниҳо бемор мешуданд. Чунин мисол меорам, ман алакай якчанд сол шуд, ки сирпиёз мекорам. Дар баҳор баъди барф муғчаҳои сирпиёз хеле хуб мешавад, ман чопуқ карда, алафҳои нолозимро меканам, сирпиёз хеле хуб рушду нумӯ мекунад. Замоне, ки вақти обдиҳӣ мерасад, ман бо ҳамон оби рӯд об медиҳам. Баъди обдиҳӣ пай мебарам, ки дар миёни онҳо бархе растаниҳои зард мешаванд.Ин пусидагии реша ҳаст. Оби рӯд натанҳо химикатҳои дар худ ҳалшударо меорад, балки бемориҳои гуногуни вирусӣ ва занбурӯғии растаниҳои сабзавотиро низ меорад. Дар бехмеваи картошка хушкпусидаҳо пайдо мешаванд, бемориҳои пусидани

сабзиҳо. Намедонам, дуруст мегӯям ё на, аммо фикр кунам, ин бемориҳоро об паҳн мекунад (**Баратов Зордун, вилоятиИсиқ-Кӯл, деҳаи Ирдиқ**).

Одамон ба бемориҳо тавассути ҳайвонот гирифтор мешаванд, чунки мо худамон боқимондаҳои ҳайвонотро ба об мепартоем ва инчунин ҳайвонотро дар назди сарчашмаҳои оби нӯшокӣ мечаронем. Партовҳоро ба об мепартоем, ки дар охир ба худамон зарар мерасонад. Аз ин ҷиҳат, яке аз мушкилоти асосӣ мушкилоти оби тоза мебошад **(Камолова Сайөра, вилояти Боткен, деҳаи Бешкент айили).**

Сабаби ярч ва селҳо гум шудани растаниҳо дар кӯҳу теппаҳо мебошад. Решаҳои растаниҳову дарахтон хокро мустаҳкам мекунанд. Ҳоло аз борони кам ҳам сел омаданаш мумкин аст. Ҳамаи натиҷаи муносибати мо ба табиат мебошад**(Момунов Абдибасыт, вилояти Боткен, деҳаи ски оочу)**.

Саволҳо

- Оё об дар деҳа/шаҳри Шумо барои истифодаи ҳаррӯзаи хоҷагӣ ба қадри кофӣ ҳаст?
- Кадом усулҳои нигаҳдорӣ ва тозакунии обро Шумо медонед?
- Читур мешавад аз қуттиҳо пластикӣ ба нафъ истифода кард?
- Кадом растаниҳоро Шумо парварида метавонед? Ҷавоби худро нависед. Шумо ба заҳмати деҳқонон чигуна муносибат доред? Андеша кунед ва бо дӯстони худ муҳокима кунед.
- Об чигуна хатарҳо дорад?

## Низоъ барои об

Эл жайлоого конгондо,
Эртерээк ичсем дедиртип,
Эки агайин кишини,
Ача кылган аккан суу.
Жүргөн жерин гүлдөтүп,
Жумуш кылган аккан суу.
Нөөбөтү мага келбейт деп,
Коңшу отурган адамды,
Уруштурган аккан суу. ...
Жиктеп журтка бөлбөгөн,
Жанында адам болбосо,
Жакын көрүп чөлдөгөн.
Арык кайрып байласа,
Пайдасы бар аккан суу.

Жашап турса түгөнбөс,
Жайрасы бар аккан суу.
Жандуу менен жансызга,
Өмүр отун күйгүзгөн,
Айласы бар аккан суу!

Вақте халқ чарогоҳ меоянд,
Мекӯшанд то зудтар навбати обро бигиранд,
Аз барои ту ҳатто миёни бародарон низоъ мехезад,
Эй оби равон!
Заминро сабз мекунӣ,  ҳарҷо ки ҷорӣ мешавӣ,
Эй оби коргар!
"Навбати ман аст" – гуфта,
Ҳамсояҳо ҷанг кунанд барои ту,
Инсониятро ба халқҳо ҷудо намекунӣ ту
Эй, оби равон!
Онҳое, ки аз нашнагӣ месӯзанд,
Туро аз ҳама наздиктарин ба худ меҳисобанд.
Дар ҷӯйҳо ҷорӣ шуда
Эй оби ҷорӣ, эй оби фоидаовар!
Эй обе, ки метавонӣ марг оварӣ
Ва метавонӣ ҳаёт бахшӣ
Ба мавҷудоти зиндаву ғайризинда!

*Жеңижок, Аккан суу*

Мушкилоти бузурги мо ин мушкилоти об мебошад. Тобистон об хеле кам мебошад. Қариб 40 хонавода аз як қубури обгузар об менӯшанд, аз ин ҷиҳат ҳамаи баҳсҳову ҷанҷолҳо ба хотири об аст **(Тороева Динара, вилояти Боткен, деҳаи Бешкент).**

Азбаски ман раиси деҳа ҳастам ба ман лозим меояд, ки низоъҳои вобаста ба обро ҳал кунам. Баъзан, ҳамсояҳо барои об ҷанг мекунанд. Масалан, канали мо Махсимро баъзан сел мешӯяд. Аз рӯйи нофаҳмии сокинони маҳаллӣ низоъҳо сар мешавад. Дар мо бо Тоҷикистон дар масъалаи об низоъе нест. Азбаски сокинони маҳаллӣ дарахтон ва буттаҳоро мебурранду ҳезум мекунанд, селҳо меоянд **(Полотов Асан, вилояти Боткен, деҳаи Эски -Оочу , 53 года)**

Об то замини ман хеле мушкил мерасад. Дар инсонҳо инсоф намондааст. Бисёриҳо ҳастанд, ки обро мегиранд, вақте ки навбати обдиҳии ман аст. Ман то ба заминам рафта обро ба замин рост кунам, ки дар роҳ алакай обро дигар нафар мегирад. Рафтану санҷидан вақти зиёдро мегирад. Чунин навбати обдиҳии ман гузашта меравад. Тоқат накарда, чанде пеш барои худ обкашак (насос) харидам. Ҳоло масъалаи об хубтар шудааст **(Атакишиев Мирзарахмат, вилояти Боткен, деҳаи Бешкент).**

Саволҳо

- Оё дар деҳа/шаҳри Шумо ба хотири норасоии об низоъҳо мешаванд? Агар ҳа, пас читур ин низоъҳо ҳал мешаванд?
- Читур мешавад низоъҳои ба хотири об мешударо пешгирӣ кард?

## Афсонаҳо

Өз тулкусун жоготпой,
Бир тамчысын коротпой
Кармап келген аккан суу
Курмандыкка денесин
Арнап келген аккан суу.
Аягы жок, колу жок,
Токтойм деген ою жок
Жүрүп келген аккан суу.
Бара турган жерине,
Кире турган көрүнө
Күлүп келген аккан суу. ....
Деңизинде сойлогон,
Алышканын койбогон,
Арыстан баштуу, мурду шиш,
Канаты бар учканга,
Бул дүнүйө жалганды
Кайраты бар жутканга,
Алтымыш кулач, беш баштуу
Ажыдаарың дагы бар.
Жарык кылган түндөсү
Кулагынын түбүндө
Күйүп турган шамы бар.
Сырларың көп катылган,
Көк өгүздөй балыгың
Көктү көздөп атылган,
Жаркыратып түн ичин
Кайра сууга жашынган.
*Жеңижок, Аккан суу*

Эй оби равон,
Комилан то охирин қатра
Омодаӣ худро қурбон кунӣ.
Эй оби равон, на даст дориву на по
Бе андешаи истодан
Ҳамеша дар ҳаракат ҳастӣ
Ҳамеша то ба ҷое мерасӣ, ки ҷорӣ мешавӣ
Дар оғӯши ту, дар уқёнус
Аждаҳои бад афти ду зону зада, зиндагӣ мекунад,
Ки бо сари чун шер ва қаноти аз шаст ниҳол дарозтар,
Ба душманон бераҳм аст.
Хомӯшкунандаи оташ, равшаникунандаи шаб
Ҳаст моҳие бо бузургии барзагов,
Ки аз об ба осмон ҷаста
Боз дар қаъри ту пинҳон мешавад,
Хеле зиёд аст асрори ту, эй оби равон!

**Чашмаи Кӯдак (Бала булак)**

Дар деҳаи Сойи ноҳияи Боткени вилояти Боткен чашмаи «**Бала булак**» (маъно: Чашмаи кӯдак) ҳаст. Ривояте дар бораи ҳамин чашма мегӯяд, ки дар замони ҳукумати русҳо, муллоҳо зери таъқибу азият буданд. Муллое бо исми Кожом бо ҳамсари худ ба кӯҳ мегурезад, дастаи аскарони ба кӯҳ фиристода бошад онҳоро намеёбад. Кожом дар кӯҳ чандин солҳо зиндагӣ устуворона мекунад, аммо ӯ фарзанд надошт. Ӯ ғамгин мешавад, ки фарзанд надорад. Аз Худованд зора карда фарзанд мепурсад. Яке аз рӯзҳо аз фарзанддор нашуданаш, хеле ғамгин шуда, барои ба шахсоне, ки мисли худ бефарзанд аст , ба болои кӯҳи баланд баромада аз Худованд фарзанд доданашро пурсида, аз тахти дил дуо мекунад, дар натиҷа чашма мебарояд. Мана ҳамон чашма, бала булақ (чашмаи кӯдак) ном гирифта, одамон фарзанд пурсида, ба ҳамон чашма барои ният кардан мераванд. Духтару писарони ҷавон бахт хоста, ба он чашма тангаву ойна партофта, то замони имрӯз ҳамчун чашмаи зиёраткунанда ба ҳисоб меравад (**Шергазиев Өмүр, деҳаи Сай, вилояти Боткен**).

**Рӯде, ки дар як сол се маротиба ҷорӣ мешавад**

Пештар дар деҳаи Лангарамон, аз авлоди Максим, Эшон ном як шахси номдори мулло зиндагӣ мекардааст. Дар он вақт бою мансабдорон ҳукмрон буданд. Эшон падар ва ҳамроҳони ӯ ба Алай барои даъват мераванд. Ҳамон лаҳза дар Алай як мансабдор тӯй дода меистад, онҳо инро фаҳмида рост ба тӯй мераванд. Бой дар бораи Эшон падар бисёр чизҳоро фаҳмида, аммо ба қувваи ӯ боварӣ надошт. Ҳамон вақт, бойи тӯй карда истода, ба Эшон падар “ Ман се рӯз тӯй мекунам, дар ҳамин се рӯз барои ман аз ҳамон сой об ҷорӣ карда деҳ” мегӯяд. Он лаҳза Эшон падар: “ Ту чӣ қадар қувваи маро овардаӣ, зиндагии маро чӣ қадар кам кардӣ”-мегӯяд. Сабаб, мулло ҳаминқадар дуоҳои сахт мехонад, рӯдро ҷорӣ карда, ба қувваам бовар кунад гуфта, аз қувваи худ ҷудо шуда, умрашро кӯтоҳ карда будааст. То замони имрӯз бой тӯй кардаги вақт, аз ҳамон рӯд дар як сол се маротиба об ҷорӣ мешавад **(Үсөн кызы Бурулкан, деҳаи Лангар, вилояти Боткен).**

**Ҳамин тавр боқӣ мондани номи деҳаи Алиш (Алыш)**

Деҳаи Алыш аз ҳисоби оғози рӯди Исфайрам будан, аз ҳамон деҳа ба дигар деҳаҳо об тақсим карда гирифтаанд. Барои ҳамин, халқе, ки аз ҳамон деҳа об гирифтаанд, Алиш номгузорӣ шудааст. Ҳоло низ, барои тақсимоти об корхона ҳаст. Оби он ҷоро ба деҳаи Үч-Коргон, ба баъзе ҷойҳои Кызыл-Кыя, Кара-Дөбө, Марказ, ба деҳаи Көк-Талаа ва ба баъзе ҷойҳои Ӯзбекистон тақсим мекунанд **(Сулайман кызы Айгерим, деҳаи Алыш, вилояти Боткен).**

**Деҳаи Ақ-Булақ**

Дар замонҳои қадим дар як хонаи танҳоӣ як кампирак ва чол зиндагӣ мекарданд. Онҳо солҳои зиёд фарзандор нашуда, дар синни 50 сола будан, он кампир фарзанддор мешавад. Он зан ҳангоми таваллуди кӯдак вафот мекунад. Чол барои сер кардани фарзандаш, об пайдо карда натавониста, дар роҳ рафта истад, аз чашма шир ҷорӣ шуданашро медидааст. Ӯ аз ҳамон шири чашма фарзандашро сер карда, ба воя

мерасонад. Аз ҳамин сабаб аз ҳамон вақт сар карда, ин деҳа Ак-Булак (Чашмаи сафед) ном гирифтааст (**Имарова Бузайнап, шаҳри Кызыл-Кыя, вилояти Боткен).**

**Рӯди Исфайрам**

Рӯди Исфайрам аз пиряхҳои доманакӯҳи Теғирмеч, обҳои кӯлҳо, сою чашмаҳо пур мешавад ва натанҳо деҳаву шаҳрҳои Қирғизистонро, балки Ӯзбакистони ҳамсояро низ об медиҳад. Дар бораи номгузории рӯди Исфайрам чанд ривоядҳо мавҷуд аст. Яке аз ривоятҳо, аз муҳаббати Исо ва Мариям чунин номгузорӣ шудааст мегӯянд. Муносибати ду авлоде, ки дар доманакӯҳ зиндагӣ мекарданд, аз ҳисоби хуб набуданаш, ба ишқи ҳамдигар нарасида, Марям худро ба рӯд партофтааст. Барои ҳамин номҳои Исо ва Майрам якҷоя шуда, Исфайрам ном гирифтааст мегӯянд. Дуюм таърихи ривоят чунин аст: Фиристодаи Худованд пайғамбар Исо алейхиссалам, ки аз модар бе падар таваллуд шуданашонро ҳамаи мо медонем. Дар ҳамон вақт, модарамон Майрам дар батнашон фарзанд пайдо мешавад, аз дашному ҳақоратҳои мардум тарсида, ба ҷойи дур гурехта, Исои бузургро таваллуд мекарданӣ мешаванд. Барои ҳамин, он кас гурехта ба заминҳои мо омада аст мегӯянд, аммо барои шустани кӯдак об пайдо карда наметавонанд. Бо қудрати Худованд аз тарафи кӯдаки гиря карда истода об мебарояд. Оғози рӯд аз ҳамонҷо сар шуданаш, Исфайрам ном гирифтааст. Дигар ривоят низ чунин омадааст: Аз назди рӯди Исфайрам, пайғамбар Исо гузаштаанд мегӯянд. Ҳамон вақт одамони ҳамонҷо бо омадани пайғамбар майрам(ид) карда будаанд. Аз ин рӯ барои ҳурмати Исо, номи он рӯдро гузоштаанд. Аммо то замони имрӯз аз талаффузи овозҳо тағир ёфта, Исфайрам шудааст **(Кадыров Азиз, деҳаи Өл-Алыш, вилояти Боткен).**

**Ҳикояи дар байни об сабзидани маҷнунбед**

Дар замонҳои қадим як маҷнунбеднею, як духтараки зебо будааст. Яке аз рӯзҳо ба деҳаи ҳамон духтарак зиста, аз кадом тарафҳо душманон ҳамла мекунанд. Онҳо тамоми мардуми онҷоро қир карданро сар мекунанд. Волидону пайвандони ҳамон духтараки зеборо низ мекушанд. Дар шаби торик ӯ аз душманҳо мегурезад. Аз қафояш онҳо мефароянду то ба охир мерасанд. Дигар роҳ нест, бар сари рӯди равон меояд. Аз рӯд гузаштан мумкин набудааст. Духтарак, маро аз онҳо халос кун гӯён ба рӯд зора мекунад, ба беди дар канораш буда зора мекунад. Духтар зулфонашро парешон карда, ба рӯд меандозад. То он овози қарс боло мешавад. Ин овоз шикастани миёни бед буд. Бед ба об меафтад, об бошад бедро гирифта мебараду духтарак ба ҷои он ба маҷнунбед мубаддал мешавад. Барои ҳамин, маҷнунбед мисли духтарак зебо буда, зулфҳояш ба об фаромада, набудани падар ва модар, пайванддонашро нишон медиҳад (**Раимжанова Муслимахон, деҳаи Үч-Коргон, вилояти Боткен).**

**Асрори қӯрғони Мик дар об**

Дар деҳаи Бегимжан–Дөбөи ноҳияи Фарғонаи Ӯзбакистон вайронаҳои қалъаи калон ҳаст. Дар миёни қирғизҳои қавмии ин деҳа ривоят дар бораи қалъа маҳфуз мондааст. Дар бораи қалъаи Мык ривоятҳои паҳншуда байни халқ зиёд будааст. Дар давраи таърихи ҳукумронии қалмоқ-ойрот ва жунғариҳо, Мык ном шоҳ барои ҳимояи халқи

худ аз душманон, қалъа пӯшидааст. Дар пушти қалъа манораҳои нигаҳбонӣ сохта шуда буд, ки бо дуд аз наздикшавии душман хабар медоданд. Он манораҳо айни ҳол дар ноҳияи Кадамжойи Кара-Дөбө, Зар –Дөбө дар ноҳияи Фарғонаи Ӯзбакистон, Бегимжан-Дөбө, дар масканҳои Кувасай нигоҳ дошта омада истодаанд. Шаҳрчаи дар қалъаи Мык буда зуд нигаҳдорӣ шудааст. Душманҳояшон қалъаро ба даст дароварда натавониста, бисёр қир шудаанд. Душманон оромона барои гирифтани қалъа роҳ ҷуста, як кампиракро ба даст меоранд. Кампир ба ҳамсари Мык ба Бегимжан барои иҷро кардани бисёр чизҳо ваъда дода, асрори ром кардани қалъаро медонистааст. Бинад, ба шаҳр аз зери замин, аз макони дури рӯди Исфайрам об меомадааст. Вақте ин қубури обгузар пур шуда буд, қалъа новобаста аз ҳимояи қаҳрамононаи сокинони маҳаллӣ ба дасти душман афтид. Баъд аз гирифтани қалъа, аз зани хабаркаш муносибати Мыкро ба вай мепурсидаанд. Ба зан 40 гӯсфандро қурбон карда, хӯрокҳои болаззатро пухта, ба 40 кӯрпачаи пахтагин шинонида монданашро мегӯяд. Чунин ҷавобро шунида душман зане, ки халқи худ, ватани худ, ҳамсари худро фурӯхта, ба ман чӣ мекунад гӯён, ӯро ба як ҷой баста мондааст. Дар Қадамҷойи имрӯза, дар ҷойи кӯҳии деҳаи Тамаша, мана тамошо гӯён, замене, ки тамоми халқ тамошо карда, Тамаша ном боқӣ мондааст **(Акимбаева Тазагүл, шаҳри Кызыл-Кыя, вилояти Боткен).**

**Оби Бонт**

Оби Бонт аз чашмаи дар наздикии деҳаи Кароол аз дара оғоз меёбад. Оби Бонт шаффоф ва сард мебошад, ки ҷорӣ шуда ҷараёни равонро ташкил мекунад ва ба рӯд мерезад. Оби Бантро пештар Киндик-Суу (кирғ. Қиндиқ-ноф) мегуфтанд, чунки об аз сӯрохии санг ҷорӣ мешуд. Оби Бонт аз қадимулайём оби шифобахш ва Худодод ҳисобида мешуд. Мегӯянд, ки шукӯҳ ва ҳашамати оби Бант ҳатто дар хориҷи кишвар низ маълум аст, чун зиёратчиёнии Қирғизистониро вақти ҳаҷ мепурсанд, ки оё онҳо оби Бантро нӯшидаанд ё на. Сокинони маҳаллӣ медонанд, ки бисёриҳо мехоҳанд ин обро бинӯшанд:

Улуу тоого чыккан барбы? (Оё ҳаст одамоне, ки ба кӯҳҳои бузург бароянд?)

Улардын үнүн уккан барбы? (Оё ҳаст одамоне, ки садои уларро шунида бошанд (индейкаи кӯҳӣ)?)

Банттын суусун ичкен барбы? (Оё ҳаст одамоне, ки оби Бонтро нӯшида бошанд?)

Бул дүйнөдөн армансыз өткөн барбы? (Оё ҳаст одаме, ки зиндагии худро бетаассуф гузаронида бошад?)

Чанд ривояте дар бораи оби шифобахши Бонт ҳаст. Ривоят мекунанд, ки замоне Шоҳ Машрафи муқаддас ба Кошғар тавассути дараи Исфайрам мерафт. Оби Бонтро нӯшида ба ҳамсафарони худ мегӯяд, ки тамоми ҷаҳонро гашта, то ҳол чунин оби болаззатро нанӯшидаам! Сарчашмаи оби Бонтро донистан хоста, ӯ ба сари чашма омад ва хитоб кард, ки «мүрөктүн суусун» - оби ҳаётро пайдо кардам. Шоҳ Машрафи муқаддас, чашмаро тарк кардан нахоста, чанд моҳ ҳаминҷо зиндагӣ кард ва баъдан роҳи худро идома дод. Аз он вақт, шуҳрати оби Бонт аз водии Фарғона фаротар рафт.

Мувофиқи ривояти дувум фаришта Ҷабраил ба замин фуруд омад, ки ба одамон оби ҳаёт бидиҳад. Зарфи оби ҳаётро ба дарахт овехта, ба суроғи одамон меравад ва дар ин вақт зоғ зарфро мешиканад. Як қатра об ба решаи арча мерезад, аз ҳамин сабаб

ҳамешасабз аст. Дувум қатра ба нули зоғ меафтад, аз ин ҷиҳат онҳо умри дароз мебинанд. Қатраи севумаш ба оби Бонт мерезад, шояд, аз ин ҷиҳат сокинони деҳаи Кароол, ки оби Бонтро менӯшанд, умри зиёд мебинанд.
Вожаи «Бонт» аз порсӣ маънои «муқаддас», «қимматбаҳо»-ро дорад. Оби Бонт ҷисмро тоза мекунад ва хусусиятҳои табобатӣ дорад (Мадумарова Малохат, вилояти Боткен, деҳаи Көк-Талаа).

**Ривояти Исиқ-Кӯл**
Дар замонҳои хеле қадим ба ҷои Исиқ-Кӯл як шаҳри калон будааст. Дар ҳамон шаҳр мисли моҳу офтоб як духтараки хеле зебову оқила зиндагӣ мекардааст. Ҳамин духтаракро ду қаҳрамонписар Улан ва Санташ дӯст дошта мемонанд. Ҳар ду, духтарро талош карда, ҷанги як ба як мекунанд. Дар ҷанг ҳар ду ҳам қурбон мешаванд. Духтар “ Ба уволи ду писар мондам” гуфта, ҳар шабу рӯз гиря кардан гирифтааст. То рафт аз ашки чашмони духтарак Исиқ-Кӯл пайдо шудааст. Аз ҳамин сабаб оби кӯл шаффоф, тиниқ ва шӯр шуда мондааст. Улан ва Санташ бошад ба шамол табдил ёфта, аз ҳамон замон кӯлро талош карда, бо ҳамдигар мубориза бурда мегарданд. Аз ҳамон дам ин кӯл ба ҷон наздик, форам Исиқ-Кӯл ном гирифтааст **(Акматов Нурбек, шаҳри Каракол, вилояти Исиқ-Кӯл ).**

**Номгузории Кокуй-Кӯл ва Ҷирғалан**
**Кокуй-Кӯл** дар ноҳияи Жети-Угузи деҳаи Ак-Дӯбӯ ҷойгир шудааст. Дарозиаш 500 метр, васеъгиаш 300 метирро ташкил мекунад. Дар бораи Кокуй-кӯл номгузори шудан, чанд ривоятҳо мавҷуд аст. Дар кадом вақтҳо, дар атрофи ҳамон кӯл халқ зиндагӣ мекардааст. Дар яке аз рӯзҳо, як арӯс бо кӯдаки майдааш ба кӯл барои шустани либосҳо рафта, ногаҳон кӯдакашро ба об меафтонад. Кӯл хеле чуқур ва ботлоқ будан, ба об даромада наметавонад. Дар як лаҳзаи кӯтоҳ, барои нопадид шудани кӯдак, модари дилсӯхта чунин гуфтааст: «Кокуй! Кокуй-Кӯл! Кокуй-Кӯл!» . Аз ҳамон вақт сар карда ин кӯл Кокуй-кӯл ном гирифтааст. Дар дигар ривоят, як аспсавор ҳангоми омадан, аспаш калавида ҳарду ба об афтида баромада натавониста: “Кокуй-кӯл” гӯён хеле фарёд задааст, мегӯянд. Дар ривояти сеюм, як кампирак Тӯхтабек ягона фарзанди ӯ буд. Вақте ки, Тӯхтабек бозӣ карда, дар кӯл, ки падараш моҳӣ медошт ба тӯри он дармонда, аз кӯл баромада наметавонад. Падар ва модар дар паси ҷустуҷӯи фарзанд шуда, тӯр аз хотирашон мебарояд. Аз ғам мӯсафед ва кампир ба мурғобиҳо табдил мешаванд, ки "Тӯхтабек кокуй" гуфта дод мезананду мепарранд.

Дар як замон, одами ношинос ба **Ҷирғалан** омада будаст. Ояд, ки дар обаш моҳиҳои зиёд, дар соҳилаш ҳезумҳои бисёр, як ҷои бисёр ҳам зебо будааст. Баъдан дигарон “Чӣ хел ҷой будаст?”- гуфта пурсанд, **“** Ҷойи шукуффоӣ будааст”- гӯён ҷавоб дода будааст. Дар дигар ривояд чунин омадааст: халқ ҷамъ шуда, “ Ин замин роҳи нӯҳ об будааст, номи ин обро чӣ меномем?”-фикр карда истанд, як аз онҳо чунин гуфтааст: “ Ҷирғалан бигзоред, дар ин ҷо тилло ҳаст, инсонҳои дар инҷо омада хор намешаванд, умри фаровон мебинанд!”. Баъзе аз тахминҳо бармеояд, ки ҷирғалан дар забони қалмоқҳо “

Оби равон ҷоришаванда”  медодааст. Боз дар яке аз ривоятҳо, Ҷуматай ном як  уқобчӣ куҳансол будааст. Он уқоби Куу-Чегирро бо ҳар гуна ҳашаротҳо нигоҳубин мекунад. Яке аз рӯзҳо уқобро ба сӯи паррандаҳо сар медиҳад, он паррандаҳоро як ба як нобуд мекунад. Баъди ба кӯҳи Кӯл-Бел парвоз карда меравад, дигар барнамегардад. Паррандаҳои нобудкардаи Куу-Чегир, халқ дар мудатти панҷ рӯз ҷамъ мекунанд. Аз ҳамон вақт сар карда, халқҳо аз кӯҳи Тасма то ба даштии Тургӯн  макони мерган ва шикорчиён будааст, Ҷирғалан ном мебаранд **(Акматов Нурбек, шаҳри Каракол, вилояти Исиқ-Кӯл).**

**Ду коса об**

Дар замонҳои қадим ҳокими шинохтаи дунё умр ба сар бурдааст.Ӯ ба куҷое наравад молу мулки худро таърифу тавсиф мекард. Инчунин ӯ як вазири хеле донишманду закӣ доштааст. Яке аз рӯзҳо ӯ вазири худро даъват карда чунин мегӯяд: “Ту вазири ҷаҳондида, донишманд ҳастӣ ман ба ту боварӣ дорам. Одамон, сиҳату саломат, боқувват будани ҳокимашон, ичунин ору номусдор, саломат будани аскаронро мехоҳанд. Барои ҳамин онҳо ҳамеша ба сухани аз даҳонат баромадаро интизор мешаванд”-мегӯяд. Айни ҳол, донишмандам, ман фикри туро шунидан мехоҳам. Бигӯ, бигӯ дар бораи ҳукуматдориаму бойгариам чӣ андешаҳо дорӣ?-гӯён пурсон мешавад. Вазир бошад ба ҷои ҷавоб додан баргашта ба ҳоким савол медиҳад: гӯем, ки шумо ҳокимам, дар ҷои гарм, дар чӯли тафсон бигардед. Аммо дар он ҷой об нест, шумо бошед хеле ташна ҳастед, Шумо метавонед ними бойгариатонро ба як коса об иваз кунед?-мегӯяд. Ҳоким хеле зийд ба фикр фурӯ рафта: бале, медодам. Боз аз нав суол мекунад: Боз ташнагии шумо нашикаста хеле ҷисматон об талаб мекунад, метавонистед барои шикастани ташнагиатон ҳамон ними боқимондаи бойгариатонро ба дуюм коса об иваз кунед? Барои ин суол, ҳоким чунин мегӯяд: -Бале, медодам, барои зиндагӣ кардан, наҷот ёфтан медодам, мегӯяд. Ба ин ҷавоб вазир лабханд шуда, ана дидедмӣ ҳокимам, бойгарии шумо танҳо ду коса об аст гуфта будааст **(Айдакеева Нурзада, деҳаи Георгиевка).**

**Рӯди Қозубағлан**

Ривояте, ки дар даҳони бисёри мардум шунида мешавад, дар яке аз замонҳои қадим Қозубағлан ном бача будааст. Ӯ як духтаракро хеле дӯст дошта, ҳарду дар назди ҳамон рӯд вохӯрӣ мекардаанд. Барои бунёд кардани оила ин ду ҷавон, тамоми хешону хонаводаҳо зид мебароянд, аз ин рӯ духтарак худро ба об мепартояд. Бача бошад барои наҷот додани дӯстдоштааш ба рӯд худро мепартояд, вале ҳарду ҳам аз об баромада натавониста ғарқ мешаванд. Аз ҳамон вақт сар карда ин рӯдро Қозубағлан ном бурдаанд (**Шакирова Айгүл, деҳаи Эски-Оочу, вилояти Боткен**).

Дар замонҳои қадим дар тарафҳои Чину Ҳиндустон, шоҳе як духтар доштааст. Он духтар хеле оқила, шахси бинандаро ба ҳайрат гузоранда буда, ҳангоми ба воя расидан ба бемории номаълум дучор шудааст. Подшоҳ ба ҳама ҷой одамони худро барои табиб гирифта омадан, равон мекунад. Табибону пизишкон ҳарчанд доруву дармон мекунанд, вале натиҷа намедиҳад. Шоҳ, рӯз аз рӯз аз духтараш хавотир шуда, агар касе духтарамро сиҳат кунад бойгариамро ба ҳамон мебахшам, мегӯяд. Ба ҳамаи

донишмандони сафаркарда, ин хабарро низ мерасонад. Онҳо ба ҳар кӯчое нараванд ин хабарро ба табибону дармонкунандагон мерасонанд ва онҳоро гирифта меоянд. Ҳарчанд доруву дармон мекунанд, вале фоида намедиҳад. Яке аз ҳамон рӯзҳо бо роҳи Бузурги Абрешим, аз Лайлаки худамон гузашта, ба Самарқанд рафту омад дошта, як шахси куҳансоли таҷрибанок меояд. Ӯ ба шоҳ чунин мегӯяд: Шоҳам, дар кӯҳи дур, аз пиряххои кӯҳи оғозшуда, аз санг ба санг бархӯрда, рӯди хосиятноки Қозубағлан мавҷуд аст. Ҳамон оби рӯд ба бисёри бемориҳо шифо шудааст, гуфта шунидаам, шояд ҳамон обро пайдо кунем, ба дарди духтаратон шифо шавад?-гуфтааст. Ин гапро шунида шоҳ амр мекунад то оби рӯди Қозубағланро пайдо кунанд. Дар замонҳои қадим, савдогарону саёҳатчиён оби Қозубағлани моро ҳамчун барои шифоёбӣ ба макони худ мебурдаанд. Бо фармони шоҳ, савдогари наздиктарро, ки аз оби Қозубағлан овардааст, ҷустуҷӯ мекунанд. Аммо дар он савдогар об тамом шуда мемонад. То ба ҷои он об расидан аҳволи духтар бад ва то он обро бурдан шояд бимирад, мегӯянд. Дар ҳамин вақт ҳамон куҳансол чунин мегӯяд: Агар оби рӯди Қозубағлан пайдо нашавад, аспе, ки аз ҳамон рӯд гузаштааст, пояшро шуста ҳамон обро нӯшонида бин, мегӯяд. Шоҳ инро шунида ғазабаш меояд, вале аз ноилоҷ буданаш ҳаминтавр мекунад. Баъд аз нӯшонидани об, духтараке, ки дар бистари беморӣ мехобид, дар рӯяш хун дамида умеди зиндагӣ пайдо мешавад. Баъд аз як чан қулт нӯшидани об, чашмонаш кушода шуда, рӯз аз рӯз аҳволаш хуб мешуд ва аз нӯшидани ҳамин об сиҳат шудааст. Барои ҳамин оби рӯди Қозубағлан шифобахш буда, дар ҳамаҷо баҳогузорӣ мекунанд (**Аслонова Тухтажан, деҳаи Бешкент, вилояти Боткен**).

Боз дар яке аз ривоятҳо, шоҳ одамонашро ба рӯди Қозубағлан мефирсонад, онҳо обро гирифта меоянд ва он обро ба духтараш нӯшонад ягон хел фоида намедиҳад. Шоҳ ба қаҳр омада, ҳамон донишмандро ба назди худ даъват карда, мегӯяд, ки ин об ба дард шифо нашуд. Донишманд бошад, духтаратон худ ба назди рӯд рафта бо дастонаш бинӯшад мегӯяд. Шоҳ духтарашро ба соҳили рӯд гирифта меорад. Духтарак об нӯшидаистода, дар ҳамон ҷой як қӯйчӣ барраҳояшро чаронида мегашт, дида ошиқ мешавад. Духтар то ин ки ба соҳилу обнӯшӣ меомад, аҳволаш оҳиста-оҳиста хуб мешуд. Аз ин ғазаби шоҳ омада мегӯяд, ки чаро об барам сиҳат нашуду худ омада об нӯшад ба дардаш даво шуда истодааст. Ҳамин вақт ҳамон донишманд гуфта будааст: шоҳам, шумо духтаратонро ба қафаси тилло андохта монда будед, ба духтаратон озодӣ, ҳавои тоза ва ишқ лозим буд ва ин чизҳо ба ӯ фоида кард, гуфтааст. Аз ҳамон вақт ин рӯд Қозубағлан номгузорӣ шудааст (**Камилова Гулнара, деҳаи Лайлы, вилояти Боткен**).

Дар дигар назарҳо, Қозубағлан қозу(барра) бағилған(баста шудааст)чунин суханҳо омада шудааст, мегӯянд сокинони маҳалла. Дар чаманзорҳои сари рӯд, гӯсфанду бузҳо бисёр чаронида шуда, одамон ба сари рӯд рафта гӯсфанд(барра) қурбонӣ мекарданд, шояд аз ин сабаб Қозубағлан ном ниҳода бошанд (**Атакишиев Мирзарахмат, деҳаи Бешкент, вилояти Боткен**).

Дигар номи Қозубағлан - сойи Қожобағирған мебошад. Ба ривоят бингарем, дар замонҳои қадим дар ин қишлоқ, халқҳояш ҳангоми аз нарасидани об азият кашидан, як эшони бузург аз ҳоҷиҳо будаанд. Ҳамон эшон ба сой рафта асои худро бизананд аз он

об фавора зада баромадааст. Ӯ чи қадар асояшонро бизананд ҳамон қадар об зиёд шуда, охирон об, хеле бузург буда ҳоҷиро гирифта бурдааст. Ҳоҷӣ бошад дод зада, мардумро ба кӯмак фарёд кардаанд, аз ҳамин сабаб ин рӯд Қожобағирған номгузорӣ шудааст (**Камалов Садриддин, деҳаи Бешкент, вилояти Боткен**).

**Оби Абшир-Ата**

Пайғамбар Идрис, панҷ вақт намоз хонда, 30 рӯз рӯза гирифта ва дигар қоидаҳои дини Исломро барои паҳн кардан ба кӯҳи Абшир омадааст. Аз ҷониби Аллоҳ бо фармони омӯзонидани оятҳо ва қабул кунонидани дини Исломро ба халқ гӯяд, Худованд ҳамон қадар бузург бошад, каромататро ба мо нишон бидеҳ гуфтаанд халқ. Аз кӯҳи сангини бузург ба мо шир бароварда бидеҳ. гуфта месанҷанд. Пайғамбар Идрис, аз Худованд чӣ кунам гуфта пурсад, Парвардигор чунин ҷавоб дода будааст, бо асоят ба ҳамон кӯҳи сангин як-ду маротиба бизан, аз он шир мебарояд. Пайғамбар Идрис пагоҳирӯзӣ шахсони суол кардаро ҷамъ карда, ба кӯҳи сангини гуфташуда, бо асояш мезанад, кӯҳ сӯрох шуда шир баромада будааст. Шир як чанд сол ҷорӣ шуда, мардум онро ба ҷои истифода бурдан, баъзе таҳқирҳоро низ гуфтаанд. Лекин, одамони бадандеш ба шир муносибати бад доштанд, баъд шир аз сарчашма ба об табдил ёфт. Ин бошад, одамоне, ки ширро увол кардаанд, аз увол натарсида, ба меҳрубонии Худованд шукрона накарда, аз шир бенасиб мондаанд, аммо Худованд кароматӣ худро хушк намонда, аз об обро додааст. Мо бояд қадри ҳамон обро донистанамон зарур аст (**Камалов Абдыкадыр, Кызыл-Кыя, вилояти Боткен**).

**Ханҷар-Чашма**

Ханҷарчашма дар кӯҳи Кара–Даңгии Кадамжай (Қадамҷой)-и худамон ҷойгир шудааст. Ҳазрати Алӣ бо одамони худ ҳангоми аз сафар омаданаш, бениҳоят хаста мешаванд. Дар ҳамон ҷой истироҳат карда, ханҷарҳояшонро ба замин зада мемонанд, ҳамон вақт аз ҳамон ҷой об баромадааст, мегӯянд. Аз ин рӯ онро Ханҷар-чашма ном ниҳодаанд. Дар дигар сарчашмаҳо чунин омадааст: Дар замонҳои қадим, Ханҷар падар бо ханҷари худ аз Худованд чор шабу чор рӯз об пурсидаанд. Рӯзи охир, ханҷари худро ба замин зананд, аз ҳамон замин об мебарояд. Он чашма танҳо барои чорвоҳо истифода мешаванд. Аммо ба он об, ҷомашӯӣ намкунанд, вайрон намекунанд, бузург медонанд. Дар баҳорон мардум ба зиёрати он ҷо мераванд Об барои нӯшидан лоиқ (**Матаипова Эркинай, деҳаи Марказ, вилояти Боткен**).

**Шӯрчашма (**Шор-Булак)

Дар макони "Калпа Ато"-и ноҳияи Қадамҷой чашмаи машҳури Шӯр-Булоқ ҳаст. Он ҷой бо доштан Шӯрчашма машҳур аст. Чашма чунин таърих дорад: дар замонҳои пеш ду ҷавон, писарак ва духтарак ҳамдигарро дӯст медоштаанд. Аммо барои бунёд кардани оила, волидонашон зид мебароянд. Аз ҳамин сабаб онҳо барои якҷоя шудан аз деҳа мегурезанд. Гурехта рафта ба кӯҳи бузург мебароянд. Хешовандони духтар,

бачаро бо камон мезананд, ҷавон аз кӯҳ парида мемирад. Ҳамон вақт духтарак, ашкҳои худро дошта натавониста, нишаста гиря кардан мегирад, аз гиряҳои ӯ шӯрчашма пайдо шудааст, мегӯянд. Ҳамон чашмаро Шор-Булак ном ниҳодаанд (**Рысбай кызы Мукадас, шаҳри Кызыл-Кыя, вилояти Боткен**).

**Оби Пидап ё Сасиқ -Чашма**

Ҷое, ки ман зиндагӣ мекунам, дар ноҳияи Қадамҷойи қадимаи деҳаи Қыргыз-Кыштақи Ақ қалпак, дар болои ҳозира деҳаи Өрүк-Зар оби Пидап мавҷуд аст. Аз таркиби об моддаи сулфат баромадааст. Аммо одамон таркиби онро надониста, аз намуди рӯяш Сасиқ-чашма ном бурдаанд. Об ба ҳар гуна бемориҳои пӯст, ҷароҳатҳо ва дигар ба бемориҳои беруна шифо будааст. Агар танаи инсонро ягон ҳашароти заҳрнок бигазад, бо ҳамон об шӯяд заҳри онро нест мекардааст. Аз ин рӯ мардуми маҳаллӣ ин обро ҳамчун оби шифобахш истифода мекунанд. Сабаби Пидап ном гирифтани ин об, баъд аз забти Фарғона аз ҷониби Руссия, дар ин ҷо сарбозони худро нигоҳ медорад. Сарбозони рус ба бемории пӯст дучор шуда, аҳволашон бад мешавад. Ҳамон вақт В.В.Пидов биолог-химик ном табиб, бо фармони шоҳ ба ин ҷо омада, Сасиқ чашмаро пайдо мекунад. Аз гуфтаҳои халқ ҳайвонҳое, ки аз об менӯшидаанд, ба бемории пӯст (қӯтур) дучор нашудаанд. Дармонгоҳи тиббиро сел мебарад. Аз номи шифобахшанда, аз оби шифобахш оби Пидап (Пидов) номгузорӣ шудааст **(Азим кызы Жаннат, деҳаи Кыргыз-Кыштак, вилояти Боткен).**

**Ағача-Чашма (Агача-Булак)**

Агача-Булак дар шаҳри Сүлүкта, деҳаи Кош-Булак воқеъ дар Таң-Атар ҷойгир шудааст. Мувофиқи афсона, Ағача хоҳари Ҷонибеки муқаддас аз қабилаи Чапқилдиқ буд. Ӯ духтараки бо ақлу заковот, бо истеъдоди беназираш машҳур будааст. Овозаи онро яке аз авлодоони Кызылаяк шунида, арӯс карда, бо ҳашамати беандоза, бо аспҳои зебо ба Таң-Атар кӯчида меоянд. Деҳае, ки Ағача арӯс шуда омадааст, аз дурии 5-6 мил аз Кош-Булак об кашонида, хеле азоб мекашидаанд. Чунин зиндагӣ, аз рӯз то шом дар рӯзгори Ағача низ рост омадааст. Ин азоби халқро дида, Ағача аз Худо ва додараш Ҷонибек наздик шудани обро бо гиряву зорӣ мепурсад. Рӯзе аз рӯзҳо ҳангоми хоб будани Ағача, бародараш “ Ағача, аз ҷоят хеста, сояи абре, ки дар осмон ҳаст, ҳамон ҷойро бикобӣ об мебарояд”-гӯён ишора мекунад. Ағача аз хоб дарҳол бедор мешавад. Мебинад, ки дар ҳақиқат дар ҷои наздик сояи абр дар замин намудор мешавад. Аёни дидаашро ба чанд нафар гуфта, санҷидани онро мехоҳад. Ағача бо чизи дар дасташ буда каме заминро мекобад, ки дар ҳақиқат оби соф ва хеле сард пайдо мешавад. Аз ҳамон вақт, ин об на фақат барои қабилаи Кызылаяк, балки ба тамоми ҳукумати деҳаи Кош-Булак низ фоида оварда, мардум аз ин об истифода бурда омадаанд. Чашма «Агача-Булак» номгузорӣ шудааст. Баъд аз даргузашти Ағача, ҷасади ӯро ба тарафи ҷанубии чашма гузоштаанд, ки ҳоло он ҷо ба қабристони бузурк мубаддал гардидааст. Бо кароматии Худованд, бандааш Ағача чашмаро пайдо кардааст, мегӯянд. Мардумони инҷо, бо ин об хушмуомила буда, ҳар сол онро тоза мекунанд ва

барои об нӯшидани ҳайвонҳояшон шароит фароҳам меоранд (**Хидирова Чолпонай, шаҳри Сүлүктү, вилояти Боткен**).

**Оби Зулпучач**

Ҷанубтари деҳаи Кара-Кемери ноҳияи Лайлак дар як фурӯрафтагии табиӣ дар канори як кӯҳ растаниҳои ҳамешасабз мерӯянд, кокули духтарҳоро ба ёд меорад, ки дар борааш хеле афсонаҳо ҳаст. Дар Ак-Сууд дар бораи растаниҳои ба кокул монанд як чанд ривоятҳо мавҷуд аст.

Дар замонҳои қадим дар деҳаи Кара-Кеме як ҷавонписари зебо бо номи Малик зиндагонӣ мекардааст. Ӯ аз оилаи камбағалон буда, барои гузаронидани зиндагии худ ба ҳамаи корҳои мардум кӯмак мекардааст. Боз дар он деҳа Зулпучач ном як духтараки зебову доно, ки бо он ҷавонписар аз кӯдакӣ бо ҳам калон шуда буданд, зиндагонӣ мекардааст. Ҳангоме, ки онҳо ба воя расида нияти оила барпокунӣ мекунанд. Аммо барои харҷу қалинпулӣ барои ба Зулпучач оиладор шудан намерасад, аз ин рӯ ба ҷамъ кардани маблағ Малик машғул мешавад. Рӯзе аз рӯзҳо аз наздикии деҳаи худ, як ҷавони бой барои обёрии аспи худ омада буд, Зулпучачро дар назди об дида мемонад. Ба зебогии ӯ ошиқ шуда, барои издивоҷ кардан қарор мебарорад. Ба хонаводаи духтарак завчӣ мефирсонад. Волидони Зулпучач аз қаҳри бой тарсида, барои издивоҷи онҳо розигӣ медиҳанд. Бой бо духтари зебо оиладор шуданаш фахр карда, ба тӯй тайёрии сахт мебинад. Зулпучач ин хабарро фахмида ғамгин мешавад ва ба ошиқаш Малик, ҳамаи воқеаро нақл мекунад. Ду ҷавон барои аз бой халосӣ пайдо кардан, гурехтанро нақша мекунанд. Рӯзи тӯй ҳам меояд. Духтар ва писар мувофиқи нақша гурехта мебураванд. Ин амали онҳоро бой фаҳмида, аз қафояшон одам мефиристад. Ҳар ду ҷавон аз одамони бой гурехта натавонистанашонро пай бурда, ба кӯҳи баланди деҳаашон омада меистанд. Аз қафо одамони бой, дар пеш кӯҳи баланд (зов) чӣ карданашонро надониста, аз Худованд кӯмак мепурсад. Вақте ки одамони бой расида меоянд, бо қудрати Парвардигор дари санг кушода шуда, ҳарду вориди ҳамон ҷо мешаванд. Қалъа маҳкам шуда, дар берун камтар мӯйи Зулпучач ва мӯйбанди нуқрагинаш мемонад. Ба ин воқеаи ногуворӣ, бой ва одамонаш шоҳид шуда, қафояшро нигоҳ накарда мегурезанд. Баъди ҳамон, муй ва мӯйбанд ба растании баҳору зимистон зард намешуда, ҳамеша сабз боқӣ мондааст. Ба дохили кӯҳсанг боқӣ мондани ҷавонон, армонҳояшон бо ашкҳояшон ба чашма табдил ёфта, бо растаниҳои зарду сабз ҷорӣ шуда, ҷило дода меистад. Аз ҳамин сабаб Зулпучач ном гузошта шудааст(**Хидирова Чолпонай, шаҳри Сүлүктү , вилояти Боткен**).

**Сиёҳчашма (Кара-Булак)**

Дар деҳаи Кара-Булак дар канори чашмаи калон як дарахти чинори бисёрсола мавҷуд аст. Аз ривоятҳо бар меояд, ки дар замонҳои қадим инҷо хушкӣ буда, мардум аз беобӣ бениҳоят азият кашида зистаанд. Дар яке аз рӯзҳои офтобӣ як куҳансол, ҳангоми омадани аз сафари дур, хаста шуда ба чӯл нишаста об менӯшаду вақти хестан, оби дар бағал будааш ба замин афтида мерезад. Об ба қум зуд даромада меравад. Куҳансол хеле ташна монда, асояшро ба даст гирифта аз ҷояш мехезад. Аммо бисёр масофаро тай накарда, ба асояш такя карда нишаста мемонад. Бо қудрати Худо аз ҷои асо

даромада об мебарояд. Куҳансол инро дида хеле шод мешавад. Об то рафт калон шуда ҷорӣ мешавад. Пеш аз он ба ҷои об баромада, чинорро мешинонанд. Аз ҳамон лаҳза сар карда халқ аз он об нӯшида рӯз мебинанд, чинор бошад ба дарахти бузург табдил мешавад. Ҳоло ҳам одамон ба зиёрати он дарахт мераванд **(Козубай кызы Динара, деҳаи Кара-Булак, вилояти Боткен).**

**Ҷину аҷина (Жин мажюр)**

Дар афсонаи халқи дунганҳо, дар бораи сеҳрнок будани об бисёр гуфта мешавад. Дар афсонаи “Жин мажюр” як бачаи камбағали ятим, дар чаманзори хушкбуда, се дона тухми кадуро мекорад, онро ҳар рӯз обёрӣ мекунад. Дар як ҳафта дохили он кадуҳояш ба тилло пур мешавад. Бо ҳамин дар дигар афсонаҳо дар бораи “зинда” ва “мурда” будани об мегӯянд. Бо оби “мурда” ҷароҳатҳоро шуста, дардашро мемононад, “оби зинда” бошад, қаҳрамонҳои беҳтаринро зинда мекунад. Дар афсона шояд дурӯғ бошад, аммо ҷойҳои ҳақиқат низ дорад. Сабаби “мурда” ном ниҳодани об дар он аст, ки дар таркиби он моддаҳои кимёвӣ дида шуда, хусусияти куштани микробҳоро дорост. “зинда” гуфта, оби пиряххои нав обшударо мегӯянд (**Сейтахунова Хадия, деҳаи Ырдык, вилояти Исиқ-Кӯл**).

**Саволҳо**

- Дар деҳаи шумо чӣ хел обҳо ҷорӣ мешаванд? Барои чӣ онҳо чунин номгузорӣ шудаанд?

**Зарбулмасал ва мақолҳо**

Донишмандии ҳар як халқ, дар зарбулмасал ва мақолҳо инъикос меёбад, зарбулмасал ва мақолҳо бо васеъ будани худ, ҳақиқат доштанаш,ба нафарони қадри суханро донанда шавқовар шуда омадааст. Шумо дар бораи об чӣ қадар мақол медонед?

Вазифаи 1. Бо дӯст ё шиносатон дар бораи об мақол бигӯед. Кӣ зиёдтар мақол медонистааст?

Вазифаи 2. Ин мақолҳои ҳар гуна халқҳо. Оё мақолҳое бо маънои тоҷикӣ омада, боз ҳастанд?

Ма хэди жин фи, нагэ фи ма хэ негэ фи жын нын хэ» – асп аз ҷойи тоза об менӯшад, онро инсон нӯшад мешавад?

«Фи фан чи лон дажэ жинли» - Об агар аз ҳафт мавҷ гузарад, тоза мешавад.

## Феҳристи зарбулмасалу мақолҳо

Обамро марезон, шамоламро дашном мадеҳ
Об барои худ ҷой пайдо мекунад
Аз оташ ва об битарс, душмани безабон аст
Об тоза мекунад, нон сер мекунад
Сардори халқ мабош, сардори об бош
Оби нӯшидаатро напарто
Бо борон замин сабз мешавад, бо дуо халқ сарсабз мешавад
Борон худро сел фикр мекунад, чоҳ худро кӯл
Оби равон армон надорад
Об-сарчашмаи ҳаёт
Об ҷони инсон, хуни растанӣ
Об чирки бойро мебарад, чирки фикрро мебарад
Оби рафтаи сой хушк намешавад
Дар чоҳи обнабуда, даст шуста наметавонӣ
Об сер-донаи замин пурра
Обро эҳтиёт карда зӯр мешавад, хор карда хор
Ба об наздик-ба Худо наздик
Бо об ҳаёт сар мешавад, бо об ҷон ба охир мерасад
Об аз сар вайрон мешавад
Об-хуни замин. Замин-ҷони деҳқон
Бо оташ бозӣ кунӣ месӯзӣ, бо об бозӣ кунӣ ғарқ мешавӣ
Як нафар чоҳ канад, ҳазор нафар об менӯшад
Падар-чароғи намиранда, модар-чашмаи хушкнашаванда
Одамро об вайрон мекунад, кӯҳу сангро сел
Яке барои нӯшидан об наёбад, яке барои шино кардан киштӣ
Хӯроки пурсидахӯрда бо хӯрдани об баробар, хӯроки дуздида хӯрда, бо заҳр хӯрдан баробар
Об чиҳоро намебарад, об чиҳоро намебахшад
Ба об моҳӣ, ба мард мерос.
Об равад санг мемонад, сурма равад қош мемонад

Об ҳам охират дорад
Об аз чил чоҳ ҷорӣ шавад тоза мешавад
Об нагашта, кавшатро накаш
Ҷое, ки об ҳаст , ҳаёт (зиндагӣ) ҳаст
Об аз сар вайрон мешавад
Шахси ба об ғарқшуда мемирад, ба киштиаш ғарқшуда одат мекунад
Аз об ҳамроҳиро дареғ надошта, ҷонашро низ дареғ намедорад
Об-ба замин, бойгарӣ-ба халқ
Сухани барнагаштаи обро нагуфтан хуб аст
Бо об замин сабз мешавад, бо халқ далер
Об мол бошад, нон ҳам мол
Обро бисёр гузори лой мешавад, суханро бисёр гӯӣ нофорам мешавад
Ҷои обро ҷар намедонад, ҷои набударо буда намедонад
Ирими об бад, ирими куҳансол бад
Обро чим медорад, суханро ростӣ
Ба ташна қимиз деҳ, ба пурсида зиёд деҳ
Ба ташна об ҳам ширин мешавад
Об ба поён ҷорӣ мешавад, қаҳрамон ифтихорӣ талош мекунад
Аҷали ғӯтазан аз об, аҷали мерган аз кӯҳ, аҷали қаҳрамон аз душман
Об озодиро дӯст медорад
Падари об-чашма, падари сухан-гӯш, падари роҳ- мерос
Ба ҷои аз об гузаштан, модарамро диҳам, баъди аз об гузаштан кавшамро кашам
Номи шахси ғарқшуда дар об мемирад
Об, аз об гуфтан ташнагиашро намешиканад
Ба ташнамонда, аз равған об беҳтар аст
Дар об буда-ба об, дар сой буда- ба сой, дар бой буда- ба бой, дар рақс буда-ба рақс
Қувваи об-аз қатрааш, қувваи ҷон-дар берун
Ба об ғарқ шави ба моҳиҳо фоида, ба орзую ҳавас ғарқ шавӣ ба душман фоида
Об ҷорӣ шудан мегирад, санг хобрафтан мегирад
Об ҷорӣ шуда наистад, онро лой мепӯшонад
Об набошад кишт нест, об набошад ҳаёт нест
Об бе чашма намешавад, офтоб бенур намешавад
Об ҳам аз дасти Парвардигор пайдо шудааст
Об-хуну раги замин аст
Об-чашмаи зиндагӣ
Оташе, ки бо об хомӯш шудааст, дигар намесӯзад
Об-ободӣ
Об паҳн мекунад, сел медорад
Об сӯрохро меёбад
Об тамом шавад, сой мемонад
Ҷойи зебо-тӯри биҳишт, замини беоб-гӯри дӯзах
Об ба замин, илм (дониш,бойгарӣ) ба халқ
Оби аз чоҳ ҷорӣ шуда, зиндааст
Об ҳам дар замини сахт сер мекунад.

Аз соҳили об ҷӯй намекобанд
Об нӯшида ба ҷӯй туф макун
Об чуқурии худро дармеёбад
Бо об омада, бо шамол меравад
Бо об бозӣ макун, ба рӯзҳои тобистон бовар макун
Об фаровонӣ шавад-ба замин, қаҳрамон бисёр шавад-ба халқаш
Ташналаб аз об ширин нест
Об бо роҳи худ, сухан бо меъёри худ.
Абри осмонем, оби ҷӯи равонем
Аз оби бой умед макун, аз оби сой умед кун
Рӯд – рӯд, рӯдро баста – моҳир.
Ба нороҳат кардани рӯд даво нест
Лапидани абр ҳам боз об мешавад.
Аз оби сиёҳ қаймоқро интизор намешаванд
Роҳи киштӣ-дар об, роҳи нола-дар садо
Пирях-оби шаффоф.
Аз пирях-қатра, аз қатра-чашма, аз чашма-об, аз об-рӯд, аз рӯд-кӯл, баҳр, уқёнус
Чашмаи пирях – бисёр.
Қадри обро надониста охир ҳалок мешвад
Ба дарахти об нарасида об аз танааш мегурезад
Ба об бо назари баланд бингар
Аз об бо ҳамворӣ, аз кӯл бо киштӣ мегузарӣ
Обро сарф накун, поруро нест накун
То охири об, об бирез
Бе об ҳаёт нест
Ба оби пешниҳодшуда, камбудӣ намеҷӯянд.
Оби сангро бархезонда, фаввораро ҳам баланд мекунад
Оби тез – шоир об.
Дур шавӣ чашма ҳаст, дар он боз гӯш ҳаст
Чашмаро вайронкор вайрон мекунад
Чашми чашмаро бикшо
Рондашуда ба чоҳ мефарояд

Жылдар өтүп, башкы байлык суу болоор,
Суусу бардын көтөргөнү туу болоор.
Жашоо башы жатат досум тоолордо
Дайра азайса талаа соолуп куу болоор.
Суу – ден соолук, ден соолугу жок элдин
Караан басып келечеги чуу болоор.

Солҳо рафта, давлати асоси об мешавад,
Оби бардуштаи ҳама зиёд мешавад.
Дӯстам,оғози зиндагӣ дар кӯҳ аст,
Рӯд кам шавад, саҳро несту нобуд мешавад.

Об-саломатист, халқе, ки саломатӣ надорад,
Зулмат фаро гирифта, оянддааш норавшан мешавад

Таза болсоң суудай бол, Баарын жууп кетирген.
Күчтүү болсоң жердей бол, Баарын чыдап көтөргөн.

Тоза боши мисли об бош, ҳама чизҳоро шустааст.
Боқувват бошӣ мисли замин бош, ба ҳамааш бардошт кардааст.